САНГИ ЁДГОРӢ БА ИФТИХОРИ ФАРЗАНДИ ФАРОБ с. 8

САФИРИ ФАРҲАНГИ МО ДАР ТОШКАНД с. 10

АШӮРИЁН ДАР СММ ЧӢ ГУФТ? с. 2

ТОҶИКИСТОН

№ 45 (1709), 11.11.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!



20 000 ТОННА БЕНЗИН

Қазоқистон ба Тоҷикистон содир мекунад



PRESSA.TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ДАР ИН ШУМОРА:

СПАД
Раёсати он ба Тоҷикистон гузашт с.3

СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН
Суботи Афғонистон шарти амнияти ОМ аст с.7

ХАТЛОН
Издивоҷ бо шаҳрвандони Русияву Нигерия… с.11

ПАНҶ
Вазъи ногувори Хоҷагии манзилию коммуналӣ с.6

МАРЯМБОНУИ ФАРҒОНӢ
Зиндагӣ бароям арсаи талош аст с.9

МУҲОҶИРАТ
Ҷиноятқорӣ 40% кам, “депорт” ду баробар афзуд с.7

ВАРЗИШ
Медалборони варзишгарони тоҷик с.15

ЗУКОМ
Роҳҳои пешгирӣ ва табобати он с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ, раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА, муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ, Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ, Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР, муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА, муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ТАЛАБИ ПРЕЗИДЕНТ АЗ КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои хизмати содиқона изҳори сипос намуда, роҳбарони соҳаро вазифадор кардааст, ки ба риояи интизоми хизматӣ ва одоби муошират бо шаҳрвандон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Сарвари давлат ба хизматҳои шабонарӯзии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, афсарону сарбозон ва собиқадорони милитсия дар таъмини амнияту суботи кишвар ва пешгирии ҷиноятҳои корӣ баҳои баланд додааст.

Ҳамзамон, Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, ки роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ бояд барои риояи қатъии интизоми хизматӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ ва беҳтар намудани одобу фарҳанги муносибати кормандон бо шаҳрвандон тадбирҳои доимӣ андешанд.

Дар ин замина, масъалаҳои беҳтар намудани шароити хизмат, таҳкими заминаи моддию техникӣ, таъмини фаъолияти самараноки кормандон ва сохтмони биноҳои нави маъмурии раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Сарвари давлат ҳамчунин ба вазъи мураккаби сиёсиву амниятии ҷаҳон ишора намуда, тақвияти пояҳои давлатдорӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими суботи ичтимоиро аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ кардааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳамасола 10-уми ноябр дар Тоҷикистон Рӯзи милитсияи тоҷик таҷлил мегардад.



ДАР ПОКИСТОН РӮЗИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ТАҶЛИЛ ШУД

Дар Донишгоҳи тиббии Шаҳид Зулфиқор Алӣ Бҳуттои Покистон бахшида ба бузургдошти донишманд ва мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Абӯалӣ ибни Сино таҳти унвони «Рӯзи ибни Сино» ҳамоиши илмӣ баргузор гардид.

Ин чорабинӣ 10-уми ноябр бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Исломобод доир шуда, дар он намояндагони корпуси дипломатӣ, донишмандон, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок карданд.

Ҳадафи ҳамоиш гиромидошти мероси гаронбаҳои илмии Абӯалӣ ибни Сино, тарғиби арзишҳои илму дониш ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиб унвон шудааст.

Юсуф Шарифзода, сафири Тоҷикистон дар Покистон, зимни суханронӣ ба мақоми барҷастаи Ибни Сино дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ва саҳми осори ӯ дар ташаккулу рушди афкори илмии башарият таъкид кардааст.

Дар ҳамоиш сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Покистон низ суханронӣ намуда, аз ҷойгоҳи Ибни Сино дар рушди илму тиб ва зарурати ҳифзу омӯзиши мероси илмии ӯ дар замони муосир ёдовар шудааст.

Дар доираи чорабинӣ ҳамчунин навори мустанад дар бораи ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва саҳми Абӯалӣ ибни Сино дар рушди илми тиб намоиш дода шуд.

АШӮРИЁН ДАР СММ ЧӢ ГУФТ?

Сахттар шудани ҷазо барои шиканҷа, пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқи занону кӯдакон, озодии баён ва фаъолияти расонаҳо аз масъалаҳои асосие буданд, ки ҳайати Тоҷикистон рӯзи 5-уми ноябр дар Женева, дар доираи 53-юмин иҷлосияи Гурӯҳи кории Шурои ҳуқуқи инсони СММ оид ба Шарҳи даврии умумӣ, баррасӣ кард.

Ҳайати Тоҷикистонро дар ин нишаст вазири адлия Музаффар Ашӯриён роҳбарӣ намуд. Ба гуфтаи вазир, ба қонунгузории ҷиноятии кишвар тағйирот ворид шуда, барои шиканҷа аз 5 то 15 соли маҳрумият аз озодӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, имкони таъини ҷарима барои чунин ҷиноят бекор шудааст.

Дар бахши озодии баён ҳайати Тоҷикистон иттилоъ дод, ки дар кишвар 203 рӯзнома, аз ҷумла 73 нашрияи мустақил, 202 маҷалла, 5 хабаргузорӣ, 31 шабакаи телевизионӣ ва 35 радио сабт шудаанд.

Намояндагони кишварҳои дигар дар ин замина зарурати таъмини амнияти рӯзноманигорон, блогерон ва ҳомиёни ҳуқуқи инсонро таъкид карда, бозбинии баъзе меъёрҳои қонунгузориро пешниҳод карданд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

САРИ САБЗ



Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Шоири халқии Тоҷикистон

Агар шоир бигӯяд, ки ин беҳтарин шеъри ман аст, аз ин беҳтар нест, пас бо ҳамин шеър ӯ ҳам тамом шудааст: пагоҳ шеъри хуби дигар гуфта наметавонад. Барои ҳамин шоир бояд бигӯяд: беҳтарин шеърро ман пагоҳ мегӯям.


- Пас мақолаи "Қори имрӯзро ба фардо нагузор!", чӣ мешавад устод?



Гулҷаҳон Бобосодиқова, ходими давлативу сиёсӣ

Бале, ман агарчи нафақахӯр ҳастам, вале ҳоло ҳам қариб дар хона наменишинам. Маро ба чорабиниҳои давлативу ҷамъиятӣ зиёд даъват мекунанд, аз таҷрибаам истифода кардани мешаванд. Бо сохторҳои давлативу ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамвора кору ҳамкорӣ карда истодаам. Рӯз ба рӯз кори ҷамъиятии маро зиёд мекунанду кам не.

- Маълум мешавад, ки нафақа барои баъзеҳо давраи истироҳат асту барои шумо давраи кори бемаош.



Фараҳноз Шарафова, сароянда

Ба ҷуз як орзу дигар ҳама орзуҳоям амалӣ шудаанд. Орзуи амалинашудаам ин зиёрати хонаи Худост, вале ҳоло омода нестам барои ба Ҳаҷ рафтан ва мехоҳам вақте сафар кунам, ки сидқан омода бошам.

- Рафтан гиред ба Ҳаҷ. Ҳоҷӣ-сароядаҳо кам нестанд... Таҷрибаи эстрадаи мо нишон дод, ки баъди ҳаҷ, ҳам нофро урён карда рақсидан мешавад.



РАЁСАТИ СПАД БА ТОҶИКИСТОН ГУЗАШТ

11-УМИ НОЯБР ДАР ШАҲРИ МАСКАВ НИШАСТИ ШУРОИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪИИ СОЗМОНИ ПАЙМОНИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ (СПАД) БАРГУЗОР ШУД. ДАР ОН САРОНИ ПАНҶ КИШВАРИ УЗВ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ, МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ, ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ НИЗОМӢ ВА ОЯНДАИ СОЗМОНРО БАРРАСӢ КАРДАНД. ЯКЕ АЗ РӮЙДОДҲОИ МУҲИМИ НИШАСТ ГУЗАШТАНИ РАЁСАТИ СПАД АЗ РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН АЗ 1-УМИ ЯНВАРИ СОЛИ 2027 БУД.

КАДОМ РОҲБАРОН БА МАСКАВ ОМАДАНД?

Нишаст таҳти раёсати Президенти Русия Владимир Путин баргузор гардид ва дар он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Беларус Александр Лукашенко, Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ва Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов ширкат карданд кардаанд.

Дар ҷаласа ҳамчунин дабири кулли СПАД Таалатбек Масадиков, намояндаи Қирғизистон, иштирок дошт. Ба ҳайси меҳмонон дабирони кулли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони ҳамкории Шанхай низ даъват шудаанд.

МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ РӮЗНОМА

Ба иттилои Кремл ва котиботи СПАД, дар маркази таваҷҷуҳ вазъи амнияти байналмилалӣ, таҳдидҳои террористӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҷиноятҳои киберӣ қарор доранд.

Яке аз санадҳои муҳим Стратегияи зиддитеррористии СПАД то соли 2030 мебошад, ки бо ташаббуси Русия таҳия шудааст. Ҳамчунин, такмили низоми мудофиаи зиддиҳавоӣ, рушди неруҳои ҳавоии дастаҷамъӣ ва ҳамкориҳо дар самти амнияти биологӣ аз масъалаҳои асосӣ мебошанд. Дар ҷаласаи вазирон лоиҳаҳои Эъломияи ҷамъбастӣ ва чанд санади дигар мувофиқа шуданд. Интизор меравад, ки саронии давлатҳо дар нишасти Маскав тақрибан 20 санадро баррасӣ ва имзо кунанд. Ин тадбирҳо дар шароите пешниҳод мешаванд, ки вазъи амниятии минтақаҳои атрофи СПАД, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, ҳамоно мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои узв қарор дорад.

ЧАРО АРМАНИСТОН ИШТИРОК НАКАРД?

Аз шаш кишвари узви СПАД танҳо Арманистон дар нишасти Маскав намояндагӣ надорад. Сарвазири Арманистон Никол Пашинян барои иштирок дар Конфронси тағйирёбии иқлими СММ ба Туркия сафар кардааст. Аммо сабаби асосии иштирок накардани Ереван ба ихтилофҳои сиёсии он бо СПАД рабт дорад.

Арманистон моҳи феврали соли 2024 иштироки худро дар фаъолияти созмон боздошт. Ҳукумати Пашинян бар ин назар аст, ки СПАД ҳангоми таҳдидҳои амниятӣ ба Арманистон ухдадориҳои худро ба таври кофӣ иҷро накард. Рӯзи 5-уми ноябр Пашинян изҳор дошт, ки манфиатҳои кишвараш дар робита ба СПАД дигар боқӣ намондаанд. Дар ҳамин ҳол, вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров гуфт, ки масъалаи муваққатан маҳрум кардани Арманистон аз ҳуқуқи овоздиҳӣ бинобар напардохтани ҳаққи узвият баррасӣ мешавад. Аммо Арманистон то ҳол расман аз созмон хориҷ нашудааст.

ТОҶИКИСТОН СОЛИ 2027 РАИС МЕШАВАД

Яке аз масъалаҳои муҳим барои Душанбе гузаштани раёсати СПАД ба Тоҷикистон аст.

Қарор аст, ки аз 1-уми январи соли 2027 Тоҷикистон раёсати даврии созмонро аз Русия қабул кунад ва Эмомалӣ Раҳмон самтҳои афзалиятноки фаъолияти онро муаррифӣ намояд.

Барои Тоҷикистон, ки бо Афғонистон беш аз 1400 километр марзи муштарак дорад, ҳамкориҳои амниятӣ аҳамияти махсус доранд. Дар давраи раёсаташ Душанбе метавонад масъалаҳои таҳкими амнияти сарҳадӣ, мубориза бо терроризму қочоқи маводи мухаддир ва тақвияти имкониятҳои мудофиавии кишварҳои узвро бештар ба миён гузорад.

ОЯНДАИ СПАД ЧӢ ГУНА ХОҲАД БУД?

Нишасти Маскав дар даврае баргузор мешавад, ки созмон бо чанд масъалаи ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Аз як тараф, кишварҳои узв барои тақвияти ҳамкориҳои низомӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муштарак талош доранд. Аз ҷониби дигар, канорагирии Арманистон масъалаи ҳамбастагӣ ва самаранокии механизмҳои амнияти дастаҷамъиро ба миён гузоштааст.

Барои Тоҷикистон раёсати соли 2027 ҳам имконияти дипломатӣ ва ҳам масъулияти иловагӣ хоҳад буд. Душанбе бояд дар шароити тағйирёбии вазъи байналмилалӣ ба ҳамоҳангии манфиатҳои кишварҳои узв мусоидат кунад.

АШӮРИЁН ДАР СММ ЧӢ ГУФТ?

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Масъалаи мубориза бо зӯроварии хонаводагӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Ба иттилои ҳайати Тоҷикистон, соли 2025 вобаста ба зӯроварӣ дар оила 10 ҳазору 60 шикояту мурочиат сабт гардида, 268 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст. Ҳамчунин, 6286 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор ва 4670 амрномаи муҳофизатӣ содир гардидааст.

Гуфта шуд, ки дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ барои зӯроварӣ дар оила моддаи алоҳида пешбинӣ шудааст, ки шаклҳои ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва ҷинсии онро фаро мегирад.

Дар баррасӣ масъалаҳои озодии эътиқод, ҳуқуқи кӯдак, синни никоҳ ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ матраҳ шуданд.

Ҳайати Тоҷикистон хабар дод, ки дар кишвар 1679 иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолият доранд, ки 402-тои онҳоро занон роҳбарӣ мекунанд.

Намояндагони давлатҳои узви СММ аз Тоҷикистон хостанд, ки барои пешгирии шиканҷа, ҳифзи ҳуқуқи занону кӯдакон, таъмини озодии баён ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ тадбирҳои бештар андешад.

Ҳайати Тоҷикистон изҳор дошт, ки тавсияҳои пешниҳодшуда баррасӣ гардида, қисме аз онҳо дар барномаҳои минбаъдаи давлатӣ ба назар гирифта мешаванд.

ПАРВОЗИ МУСТАҚИМ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА АМРИКО

ТОҶИКИСТОН ВА ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО МАСЪАЛАИ БА РОҲ МОНДАНИ ПАРВОЗҲОИ МУСТАҚИМИ ҲАВОЙ БАЙНИ ДУ КИШВАРРО БАРРАСӢ КАРДАНД.

Интизор меравад, ки пас аз тасвиби созишномаи дахлдор ширкатҳои ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ва «United Airlines» парвозҳоро байни ду давлат ба роҳ монанд.

Ин масъала зимни мулоқоти директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода бо намояндагони Сафорати Амрико дар Душанбе таҳти роҳбарии Карсон Релитс Рокер баррасӣ шудааст. Ҷонибҳо ҳамчунин масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ва омодасозии заминаи ҳуқуқӣ барои анҷом додани парвозҳои мустақимро муҳокима кардаанд. Ба иттилои Агентии авиатсияи гражданӣ, лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико «Дар бораи алоқаи ҳавоӣ» таҳия гардида, феълан дар баррасии вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон қарор дорад. Ин санад барои густариши ҳамкориҳои авиатсионӣ, ташкили хатсайрҳои нав ва фароҳам овардани шароити мусоид барои интиқоли мусофирон байни ду кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Қарор аст, баъди тасвиби созишнома аз ҷониби Тоҷикистон ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ва аз ҷониби Амрико ширкати «United Airlines» парвозҳоро амалӣ намоянд. Аммо санаи оғози парвозҳо, шаҳрҳои парвозу фуруд ва ҷадвали хатсайрҳо ҳанӯз эълон нашудаанд. Ёдовар мешавем, ки 5-уми ноябри соли 2025 дар доираи сафари корӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Вашингтон мулоқоти Ҳабибулло Назарзода бо муовини директори Идораи федералии авиатсияи граждании Амрико Кристен Гатлин баргузор гардида буд.



Ҳамчунин, 12-уми июни соли 2025 қарори Ҳукумати Тоҷикистон оид ба татбиқи сиёсати «Осмони кушод» ба имзо расидааст.

Ба роҳ мондани парвозҳои мустақим метавонад барои рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, ҷалби сайёҳон, густариши робитаҳои фарҳангӣ ва осон гардидани сафарҳои шаҳрвандони ду кишвар мусоидат намояд.

Дар сурати амалӣ шудани ин тарҳ, мусофирон имконият пайдо мекунанд, ки бидуни иваз кардани ҳавопаймо дар кишварҳои сеюм байни Тоҷикистон ва Амрико сафар кунанд.

ШИКАСТИ ТРАМП ДАР ИНТИХОБОТ

амрикоиҳо ба ҷанги Эрон «не» гуфтанд?

ИНТИХОБОТИ МИЁНДАВРАИ КОНГРЕСИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО, КИ 3-ЮМИ НОЯБР БАРГУЗОР ШУД, БО ПИРӮЗИИ БУЗУРГИ ДЕМОКРАТҲО АНҶОМ ЁФТ. ОНҲО НАЗОРАТИ ҲАР ДУ ПАЛАТАИ КОНГРЕСРО БА ДАСТ ОВАРДАНД ВА БА БАРТАРИИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИХОҲОН ХОТИМА БАХШИДАНД. ИН НАТИҶА НА ТАНҲО ШИКАСТИ ҲИЗБИ ҶУМҲУРИХОҲ, БАЛКИ НИШОНАИ АФЗОИШИ НОРОЗИГИИ ҶОМЕАИ АМРИКО АЗ СИЁСАТИ ДОНАЛД ТРАМП, БАХУСУС ҶАНГ БО ЭРОН ВА БОЛОРАВИИ АРЗИШИ ЗИНДАГӢ АРЗЁБӢ МЕШАВАД.



ПИРӮЗИИ ГАЙРИЧАШМДОШТИ ДЕМОКРАТҲО

Ба иттилои Reuters, демократҳо дар интихобот ҳатто дар иёлотҳое пирӯз шуданд, ки дахсолаҳо пойгоҳи ҷумҳурихоҳон маҳсуб мешуданд.

Дар Техас Ҷеймс Таларико номзади ҷумҳурихоҳон Кен Пакстонро шикаст дода, нахустин демократи пирӯз дар интихоботи Сенати ин иёлот дар 38 соли охир гардид.

Дар Канзас Адам Ҳэмилтон сенатори ҷумҳурихоҳ Роҷер Маршаллро мағлуб кард. Ин нахустин пирӯзии демократҳо дар интихоботи Сенати Канзас аз соли 1932 мебошад.

Дар Каролинаи Ҷанубӣ низ Энни Эндрюс бар номзади ҷумҳурихоҳон Дарлин Грэм пирӯз шуд.

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки норозигӣ аз сиёсати ҳукумати феълӣ аз минтақаҳои анъанавии демократҳо берун рафта, ҳатто интихобкунандагони муҳофизакорро фаро гирифтааст.

ҶАНГИ ЭРОН - ОМИЛИ АСОСИИ ШИКАСТ?

Доналд Трамп дар суҳбат бо рӯзномаи «The Wall Street Journal» эътироф кардааст, ки ҷанги Эрон ба шикасти ҷумҳурихоҳон таъсир расонд.

«Эрон бахше аз моҷаро буд», - гуфтааст ӯ. Бо вуҷуди ин, Трамп аз оғози амалиёти низомӣ пушаймон нест: «Кори дуруст кардам. Агар боз чунин вазъ пеш меомад, ҳамон корро мекардам», таъкид дошт ӯ. Раисҷумҳур сабаби асосии норозигиро болоравии нархи нафт ва сӯзишворӣ медонад. Аммо таҳлилгарон таъкид мекунанд, ки таъсири ҷанг танҳо бо гароншавии бензин маҳдуд намешавад. Хароҷоти низомӣ, номуайянии ояндаи ҷанг ва коҳиши қобилияти харидории шаҳрвандон ба эътимоди мардум нисбат ба ҳукумат зарбаи ҷиддӣ заданд.

ПАЁМИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН БА ВАШИНГТОН

Натиҷаҳои интихобот дар Теҳрон низ вокуниш ба бор оварданд. Муҳаммадбоқир Қолибоф, раиси Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон изҳор дошт, ки шаҳрвандони Амрико бо раъйи худ ба ҷанг мухолифат нишон додаанд.

«Амрикоиҳо ба ҷанг “не” гуфтанд ва мо аз ин паём ҳимоят мекунем», - навиштааст ӯ.

Бо вуҷуди ин, пирӯзии демократҳоро танҳо натиҷаи мухолифат ба ҷанг донистан дуруст нест. Масъалаҳои иқтисодӣ, муҳоҷират, идоракунии давлатӣ ва норозигӣ аз шахсияти Трамп низ ба интихоби мардум таъсир гузоштаанд.

АКНУН ТРАМП ЧӢ ХОҲАД КАРД?

Бо гузаштани назорати ҳар ду палата ба дасти демократҳо, ду соли охири раёсати Трамп мураккабтар мешавад. Демократҳо метавонанд назорати хароҷоти давлатӣ, таҳқиқи фаъолияти ҳукумат ва баррасии сиёсати ҷангиро тақвият диҳанд. Ҳамчунин, имкони маҳдуд кардани маблағгузории амалиёти низомӣ бештар мешавад. Аммо ин маънои қатъи ҳудкори ҷанги Эронро надорад. Президент ҳамоно салоҳиятҳои муҳими сиёсати хориҷӣ ва низомиро нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, Вашингтон метавонад ба давраи нави муқовимати сиёсии Кохи Сафед ва Конгресс ворид шавад.

БАЪДИ НУҲ, МОҲИ ТАНАФФУС

Русия ва Украина сари мизи музокирот нишастанд

ДАР ШАҲРИ АБУ-ЗАБИИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ ДАВРИ НАВИ МУЗОКИРОТИ СЕҶОНИБА БАРОИ ХОТИМА БАХШИДАН БА ҶАНГИ РУСИЯ ДАР УКРАИНА ОҒОЗ ЁФТ.



Намояндагони Русия, Украина ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пас аз танаффуси тақрибан нуҳмоҳа дубора сари мизи музокирот нишастанд. Музокирот рӯзҳои 10 -11 ноябр баргузор шуда, ҳадафи асосии он пайдо кардани роҳҳои қатъи даргириҳо, таъмини кафолатҳои амниятӣ ва расидан ба созиши сулҳи пойдор мебошад. Ба иттилои Reuters, ҳайати Русияро Владимир Мединский, ёвари президенти ин кишвар роҳбарӣ мекунад. Ба ҳайат ҳамчунин муовинони вазири корҳои хориҷӣ Сергей Рябков ва Михаил Галузин, намояндагони сохторҳои низомӣ ва амниятии Русия шомиланд.

Ҳайати Украинаро Рустам Умаров, роҳбари Хадамоти иктишофи хориҷии ин кишвар сарварӣ мекунад. Аз ҷониби Амрико фиристодаи махсуси президент Стив Уиткофф ва Ҷаред Кушнер, домоди Доналд Трамп дар гуфтугӯҳо иштирок доранд.

Владимир Мединский дар оғози музокирот изҳори умедворӣ кардааст, ки мулоқоти мазкур барои расидан ба сулҳ ба манфиати мардуми Русия ва Украина замина фароҳам меорад. Рустам Умаров низ таъкид кардааст, ки масъалаҳои қатъи амалиёти ҷангӣ, кафолатҳои боэътимоди амниятӣ ва тадбирҳои башардӯстона аз мавзуъҳои асосии музокирот мебошанд.

Ба иттилои Associated Press, рӯзи аввали гуфтушунид беш аз чор соат идома ёфта, ҷонибҳо масъалаҳои табодули асирон, бозгардонидани шаҳрвандони боздоштшуда ва кафолатҳои амниятиро баррасӣ кардаанд. Мақомоти амрикоӣ ва украинӣ ин гуфтугӯҳоро созанда арзёбӣ намудаанд.



Нотаи Қирғизистон ба Русия:

ҶАВОНОНИ МОРО БА АРТИШ НАБАРЕД

ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҚИРҒИЗИСТОН БО ИРСОЛИ ЁДДОШТИ РАСМӢ БА ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ РУСИЯ ХОСТОРИ БОЗГАРДОНИДАНИ ШАҲРВАНДИ 21-СОЛАИ ХУД ЭЛИСТОН ТОКТОГУЛОВ ШУДААСТ. БА ГУФТАИ НАЗДИКОНАШ, ИН ҶАВОН БО ВАЪДАИ КОРИ СЕРДАРОМАД БА РУСИЯ РАФТА, АММО БО РОҲИ ФИРЕБ БА САФИ АРТИШИ ИН КИШВАР ҶАЛБ ГАРДИДААСТ.

Гуфта мешавад, ки Элистон Токтогулов, шаҳрванди 21-солаи Қирғизистон бо умеди пайдо кардани кори муносиб ба Русия сафар кардааст. Аммо ба гуфтаи пайвандонаш, ӯ ба ҷойи кор дар яке аз қисмҳои низомии Русия қарор гирифта, барои фиристодан ба ҷанги Украина омода мешавад.

Рӯзи 3-юми ноябр наздикони ҷавон дар шаҳри Манаси Қирғизистон бо нашри як мурочиати видеоӣ аз мақомоти кишварашон хостанд, барои наҷоти Элистон ва ба ватан баргардонидани ӯ чораҳои фаврӣ андешанд.

Боястан Қуштарбек уулу, бародари Элистон дар ин мурочиат гуфтааст, ки бародараш тавассути шабакаи иҷтимоии «Инстаграм» ҷойи кор меҷуст. Дар ҳамин шабака бо як шаҳрванди Қирғизистон, ки дар Русия зиндагӣ мекардааст, шинос шудааст. Он шахс ба ӯ чанд ҷойи кор, аз ҷумла ронандаи мошини боркаш, корманди хадамоти амният ва таъмиргари автомобилро пешниҳод карда, ваъда додааст, ки моҳона аз 105 то 110 ҳазор рубл маош мегирад.

Ба гуфтаи бародараш, шахсони пешниҳодкунандаи кор ҳатто харҷи билети ҳавопаймои Элистонро пардохт кардаанд. Ҷавон рӯзи 28-уми октябр ба Маскав расида, дар яке аз меҳмонхонаҳо ҷой гирифтааст.

Аммо ҳодисаҳои баъдӣ ба нақли наздиконаш, ғайричашмдошт сурат гирифтаанд. Гӯё шабона афроди ношинос ба меҳмонхона омада, Элистонро бо худ бурда, мавриди латукӯб қарор додаанд. Азбаски ҷавон забони русиро намедонистааст, ӯро маҷбур кардаанд, санадҳоеро имзо кунад, ки баъдан маълум шудааст, ба бастани қарордод бо Вазорати мудофиаи Русия иртибот доранд.

Пас аз ин, ба гуфтаи пайвандонаш, Элистонро ба тамрингоҳи низомӣ дар вилояти Воронеж интиқол додаанд, то барои иштирок дар ҷанги Украина омода шавад.

Дар пайи мурочиати хонавода ва нашри гузоришҳои расонаӣ, Вазорати корҳои хориҷии Қирғизистон ба қазия вокуниш нишон додааст.

Сафорати Қирғизистон дар Маскав ба Вазорати корҳои хориҷии Русия ёддошти расмӣ фиристода, баргардонидани ҳарчи зудтари ин ҷавонро ба ватан дархост кардааст. Ҳамзамон, дипломатҳо аз мақомоти салоҳиятдори Русия хостаанд, ҳолатҳои эҳтимолии фиреб ва ҷалби ғайриқонунии шаҳрванди Қирғизистонро ҳамаҷониба тафтиш намуда, шахсони гунаҳкорро ба ҷавобгарӣ кашанд.

Вазорати корҳои хориҷии Қирғизистон таъкид кардааст, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони худ дар хориҷ аз кишвар тадбирҳои заруриро меандешад.

20 ҲАЗОР ТОННА БЕНЗИН

Қазоқистон ба Тоҷикистон содир мекунад

ҚАЗОҚИСТОН НАҚША ДОРАД, КИ МОҲИ НОЯБРИ СОЛИ 2026 БА ТОҶИКИСТОН 20 ҲАЗОР ТОННА БЕНЗИНИ НАВЪИ АИ-92 СОДИР КУНАД.

Дар ин бора рӯзи 10-уми ноябр Ерлан Аккенежов, вазири энергетикаи Қазоқистон, зимни нишасти хабарӣ иттилоъ додааст.

НАТИҶАИ САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ

Ба гуфтаи вазир, мувофиқа дар бораи интиқоли сӯзишворӣ дар ҷараёни сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон ҳосил шудааст.

«Вазорати энергетика моҳи ноябр имкони содироти 20 ҳазор тонна бензини АИ-92-ро пешбинӣ кардааст. Акнун сохторҳои тиҷории ду кишвар бояд масирҳои интиқол ва нархи маҳсулотро мувофиқа кунанд», - гуфтааст Аккенежов. Ҳаҷми пешбинишуда тақрибан 6 дарсади бензини дар нуҳ моҳи соли равон ба Тоҷикистон воридшударо ташкил медиҳад.

СОЗИШНОМАИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, рӯзи 7-уми ноябр дар Остона миёни ниҳодҳои энергетикии ду кишвар созишномаи қолабӣ оид ба ҳамкорӣ дар самти интиқоли маҳсулоти нафтӣ ба имзо расидааст.

Санад интиқоли бензин, сӯзишвории дизелӣ ва ҳавопаймоӣ, гази моеъ, битум, мазут ва дигар маҳсулоти нафтиро дар бар мегирад. Ҷонибҳо мувофиқа кардаанд, ки минбаъд ҳар сол то 1-уми октябр ҳаҷми эҳтимолии интиқоли маҳсулоти нафтиро барои соли оянда муайян намоянд. Ҳадафи асосии созишнома таъмини устувори бозори Тоҷикистон, гуногунсозии манбаъҳои воридот ва таҳкими амнияти энергетикӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки Қазоқистон маҳдудияти содироти бензин ва сӯзишвории дизелиро барои шаш моҳи дигар, то моҳи майи соли 2027, тамдид кардааст. Аммо барои баъзе интиқолҳо истисноҳо пешбинӣ шудаанд. Аз ин рӯ, содироти 20 ҳазор тонна бензин ба Тоҷикистон бояд бо назардошти ин маҳдудиятҳо амалӣ гардад.

Коршиносон гуногунсозии манбаъҳои таъминоти сӯзишвориро барои бозори Тоҷикистон муҳим медонанд. Вале то мувофиқа шудани нарх ва масири интиқол ҳанӯз маълум нест, ки бензини Қазоқистон ба нархҳои бозори дохилӣ чӣ таъсир мерасонад.

100 ҲАЗОР ТОННА ГАНДУМ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

Тоҷикистон ва Қазоқистон масъалаи афзоиши интиқоли гандум ва густариши ҳамкориҳо дар соҳаи кишоварзиро баррасӣ карданд. Қарор аст, ки ду кишвар дар баробари зиёд кардани ҳаҷми савдо, ҳамкориро дар бахшҳои зироаткорӣ, чорводорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тақвият бахшанд.

Ба иттилои Вазорати кишоварзии Қазоқистон, ин масъала дар мулоқоти вазири кишоварзии ин кишвар Айдарбек Сапаров бо ҳамтои тоҷикаш Қурбон Ҳакимзода дар шаҳри Остона, дар доираи сафари давлатии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои асосии мулоқот иҷрои қарордоди интиқоли 100 ҳазор тонна гандум буд, ки миёни «Корпоратсияи озуқаворӣ»-и Қазоқистон ва Агентии захираҳои моддии давлатии Тоҷикистон ба имзо расидааст. То имрӯз аз ҳаҷми пешбинишуда 50 ҳазору 800 тонна гандум ба Тоҷикистон расонида шудааст.

Ҷонибҳо мувофиқа кардаанд, ки интиқоли маҳсулот идома ёфта, ҳаҷми минбаъдаи он бо назардошти талаботи бозори Тоҷикистон муайян карда шавад.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар нуҳ моҳи соли 2026 гардиши савдои маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ байни ду кишвар аз 564 миллион доллар гузаштааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 32,5 дарсад зиёд мебошад. Аз ин маблағ 550,2 миллион доллар ба содироти маҳсулоти Қазоқистон рост меояд.

Соли равон Қазоқистон ба Тоҷикистон тақрибан 1,1 миллион тонна ғалладона, аз ҷумла наздики 900 ҳазор тонна гандум содир кардааст.


Ҳамчунин, содироти равғани офтобпараст, маҳсулоти лӯбиёгӣ ва гӯшт аз Қазоқистон ба Тоҷикистон афзоиш ёфтааст.

ВОРИДОТИ СӮЗИШВОРӢ ВА МАҲСУЛОТИ НАФТӢ

дар нуҳ моҳи соли 2026



Нуҳ моҳи соли 2026







Манбаъ: Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Хадамоти гумруки Тоҷикистон.

ПАНҶ

Вазъи ногуворӣ Хоҷагии манзилию комунналӣ

КОРМАНДОНИ КОРХОНАИ ДАВЛАТИИ ФАРЪИИ «ХОҶАГИИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ»-И НОҲИЯИ ПАНҶ АЗ НАБУДАНИ ТЕХНИКАИ МАХСУСУ МУОСИР ВА ШАРОИТИ НОУСТУВОРИ МОЛИЯВӢ БА ДУШВОРӢ МАРКАЗИ МАЪМУРИИ НОҲИЯРО АЗ ПАРТОВ ТОЗА МЕКУНАНД. ҶУДО НАГАРДИДАНИ МАБЛАҒИ КОФӢ, НАБУДАНИ ТЕХНИКАИ МАХСУСУ МУОСИР ВА РИОЯ НАШУДАНИ ҚОИДАҲОИ ПАРТОВПАРТОЙ АЗ ҶОНИБИ СОКИНОН МУШКИЛОТИ АСОСИИ КОРХОНАИ МАЗКУР БУДААСТ.

МУШКИЛИ АСОСӢ



Беҳрӯз Бекназаров, директори Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Панҷ, дар суҳбат бо «Тоҷикистон» гуфт, ки феълан дар ноҳия 15 нуқтаи муваққатии ҷамъоварии партов мавҷуд аст.

Ӯ мегӯяд, бо вуҷуди шабонарӯзӣ фаъолият кардани кормандон, нуқтаҳои муваққатии ҷамъоварии партов танҳо моҳе ду маротиба тоза карда мешаванду халос.

“Мушкили асосӣ дар ҷойҳои номувофиқ партофтани партов аз ҷониби иддае аз сокинон аст, ки кори бе ин ҳам мушкили моро боз ҳам душвортар кардааст” - таъкид кард вай. «Аксарияти мардум бемасъулиятӣ мекунанд. Шабона дар ҷойҳои номуайян партов мепартоянд. Танҳо аз ҳамин ҷойҳо дар як шабонарӯз то се маротиба бо истифода аз трактор партов мекашонем. Партовгоҳи асосӣ дар масофаи 15 километр ҷойгир аст, ки, албатта, хароҷоти кам надорад».

1 МИЛЛИОН СОМОНӢ ДАР ЯК СОЛ

Абдулло Сафарзода, сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Панҷ, мегӯяд, соли 2026 дар буҷети маҳаллӣ барои Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» 1 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ӯ афзуд, ки то имрӯз корхона беш аз 700 ҳазор сомонӣ гирифтааст ва маблағи боқимонда то охири сол пурра пардохт карда мешавад. “Маблағе, ки мо ҷудо мекунем, аз 70 то 80 дарсади он барои пардохти музди меҳнати кормандон равона мешавад. Қисми боқимонда барои корҳои дигар, аз ҷумла хариди сӯзишворӣ, хароҷот мегардад.”.

МАНФИАТ НЕСТ

Беҳрӯз Бекназаров афзуд, ки мақомоти маҳаллӣ корхонаро хуб дастгирӣ мекунанд. Вале Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол, ба ҷуз гирифтани 8 дарсад аз буҷети идора, ягон кумак накардааст.

«Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ нақшаи ҷамъоварии маблағи идораи моро 1 миллион сомонӣ муайян кардааст, ки мо



онро пурра ичро карда наметавонем. Вале бо вуҷуди ин, аз рӯйи нақша 8 дарсади маблағи ҷамъоварӣ ба суратҳисоби идораи болоии мо гузаронида мешавад. Фарқ надорад, ки нақша ичро мешавад ё не, 8 дарсадро пардохт мекунем. Ҳамчунин, аз 1 миллион сомонии дигар, ки аз буҷет ҷудо мешавад, 8 дарсадаш гирифта мешавад. Масалан, ҳар моҳ мо то 12 ҳазор сомонӣ ба Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ медиҳем, ки ин ба фаъолияти мо бетаъсир наметонад».

ДАСТГИРӢ НЕСТ

Беҳрӯз Бекназаров бо нигаронӣ гуфт: «Дар дах моҳи кори ман ягон дастгирӣ аз Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ надидаем. Лоақал либоси махсус барои кормандон ҳам надодаанд.

Дар давоми фаъолиятам ҳамчун директори Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Панҷ дар се маҷлиси кумита иштирок кардам, аммо як маротиба ҳам аз мушкилоти кори мо напурсидаанд. Танҳо аз пардохти 8 дарсад ва қарзи андозу барқ суол мешаваду халос.

Хулоса, агар 8 дарсади ҳаққи Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналиро пардохт кунед, гӯё қаҳрамон ҳастед».

ТЕХНИКАҲОИ КУҲНА

Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Панҷ 7 техникаи истеҳсоли соли 1965 дорад, ки аз ин шумора танҳо 4 ададаш истифода мешаваду халос. Боқимонда корношоям шудаанд. Мутаассифона, техникаҳое, ки истифода мешаванд, аз сабаби фарсудагӣ зуд-зуд таъмирталаб мегарданд. Аксари идораҳои коммуналии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз сабаби надоштани техникаи муосир, маблағгузории нокифоя ва қарздории зиёд кори худро дурусту сари вақт ичро карда наметавонанд. Масъулони Агентии хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои бехтар кардани вазъи корхонаҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ чораҳои судманд андешанд.

Машраби АЛОВИДДИН,
вилояти Хатлон

ҶАЙҲУН АЗ ОФТОБ БАРҚ МЕГИРАД?

Дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори 250 мегаватт идома дорад. Дар ин хусус хадамоти матбуоти Раиси вилояти Хатлон хабар медиҳад.

Лоиҳаи мазкур дар 748 гектар амалӣ гардида, аз ду марҳила иборат мебошад.

Тибқи нақша, дар марҳилаи якуми лоиҳа сохтмони зеристгоҳи барқии 220 кВ ва ҳашт қитъаи фотоэлектрикӣ бо иқтидори умумии 50 мегаватт пешбинӣ шудааст. Марҳилаи дуюм бунёди иқтидори иловагии тавлиди неруи барқ дар ҳаҷми 200 мегаваттро дар бар мегирад. Дар айни замон дар доираи марҳилаи аввал беш аз 95 фоизи корҳои бетонӣ дар ҳудуди зеристгоҳ ба анҷом расидаанд. Ҳамзамон сохтмони биноҳои асосӣ, васлкунии таҷҳизоти дастгоҳи тақсимкунандаи кушодаи 220 кВ ва насби аввалин трансформатори қуввагӣ идома дорад.

Дар қитъаҳои фотоэлектрикӣ низ корҳои сохтмонӣ вусъат гирифта, насби пояҳои винтӣ дар панҷ қитъа пурра анҷом ёфтааст. Дар се қитъаи дигар ин корҳо идома дошта, ҳамзамон дар ду қитъа васлкунии конструксияҳои металлӣ ва панелҳои офтобӣ ба роҳ монда шудааст. Амалӣ гардидани ин лоиҳаи бузурги энергетикӣ ба афзоиши иқтидори истеҳсоли неруи барқ, истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва таҳкими иқтидори энергетикии мамлакат мусоидат мекунад.

«ШИКОР»-И ТАКСИҲОИ «10-СОМОНӢ»

МАҚОМОТИ МИЛИТСИЯИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР ДАВОМИ ПАНҶ РӮЗ 264 РОНАНДАРО БАРОИ МАШҒУЛ ШУДАН БА МУСОФИРБАРИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҶАРИМА КАРДААНД.

Гуфта мешавад, қисми зиёди онҳо ронандагони таксиҳои маъруф ба «10-сомонӣ» буда, дар миёнашон ронандагони микроавтобусҳои мусофирбар низ ҳастанд.

Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе рӯзҳои 6 ва 9-уми ноябр бо нашри ду иттилоияи алоҳида хабар дод, ки ин қонуншиканиҳо дар ҳамкорӣ бо маркази «Шаҳри бехатар» ошкор шудаанд. Ба иттилои мақомот, дар ду рӯзи аввали санҷиш 136 ва дар се рӯзи баъдӣ 128 ҳолати мусофирбарии ғайриқонунӣ муайян гардидааст.

Нисбат ба ронандагон тибқи моддаи 510-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон парвандаҳои маъмурӣ оғоз шуда, воситаҳои нақлиёти онҳо ба ҷаримагоҳи муваққатӣ интиқол ёфтаанд.

Мувофиқи ин модда, барои фаъолияти мусофирбарӣ бидуни ҳуҷҷатҳои зарурӣ шаҳрвандони одӣ метавонанд то 1560 сомонӣ, соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда то 2340 сомонӣ ва соҳибкорони дорои шаҳодатнома то 23 ҳазору 400 сомонӣ ҷарима шаванд. Аммо ҳаҷми ҷаримаҳои таъиншуда ба ронандагони боздоштшуда эълон нашудааст. Ёдовар мешавем, ки мубориза бо таксиҳои «10-сомонӣ» моҳи апрели соли равон шиддат гирифт. Он замон муассисаи «Душанбенақлиётхадамотрасон» аз сокинону меҳмонони пойтахт даъват кард, ки аз хизматрасонии чунин таксиҳо худдорӣ намуда, аз нақлиёти расмӣ истифода баранд.



Масъулон ҳадафи ин иқдомро таъмини бехатарии мусофирон, пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва ба низом даровардани ҳаракати воситаҳои нақлиёт арзёбӣ мекунанд. Дар ҳамин ҳол, барҳе ронандагони таксиҳои «10-сомонӣ» мегӯянд, ки бинобар мушкили пайдо кардани ҷойи кори муносиб ба мусофирбарӣ машғул мешаванд. Мусофирон низ бар ин назаранд, ки чунин таксиҳо, бахусус дар соатҳои серодам, барои зудтар расидан ба ҷойи зарурӣ мусоиданд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидаи мақомот, фаъолияти таксиҳои «10-сомонӣ» дар Душанбе то ҳол яке аз масъалаҳои баҳсбарангези соҳаи нақлиёти мусофирбар боқӣ мемонад. Барҳе аз сокинон аз ин таксиҳо истиқбол мекунанд. Ҳамчунин, сокинони пойтахт аз он шикоят мекунанд, ки таксиҳои ширкати “JURA” низ дар хатсайрҳои “10 сомонӣ” мегарданд, вале мақомот пеши роҳи онҳоро намегирад...



ҶИНОЯТКОРӢ 40% КАМ, АММО «ДЕПОРТ» ДУ БАРОБАР АФЗУД

Чаро Русия сиёсати муҳоҷиратро сахттар мекунад?

ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2026 ШУМОРАИ ҶИНОЯТҲОИ СОДИРКАРДАИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР РУСИЯ 40 ДАРСАД КОҲИШ ЁФТААСТ. АММО ДАР ҲАМИН ДАВРА ИХРОҶИ МУҲОҶИРОН АЗ ИН КИШВАР БЕШ АЗ ДУ БАРОБАР АФЗУДА, ТАҚРИБАН 120 ҲАЗОР НАФАРРО ТАШКИЛ ДОДААСТ. ИН РАҚАМҲО ДАР ҲОЛЕСТ, КИ МАҚОМОТИ РУСИЯ СОЛҲОИ ОХИР СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТРО ПАЙВАСТА САХТТАР МЕКУНАНД.

ҶИНОЯТКОРӢ КОҲИШ ЁФТ, ИХРОҶ АФЗУД

Владимир Колоколтсев, вазири корҳои дохилии Русия, рӯзи 10-уми ноябр зимни суханронӣ дар Шурои Федератсия иттилоъ дод, ки дар нуҳ моҳи соли равон шаҳрвандони хориҷӣ беш аз 20 ҳазор ҷиноят содир кардаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40 дарсад кам мебошад.

Ба гуфтаи вазир, ҳиссаи ҷиноятҳои содиркардаи хориҷиён дар шумораи умумии ҷиноятҳои сабтшудаи Русия то 3,4 дарсад коҳиш ёфтааст.

Ҳамзамон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ беш аз 3500 ҷинояти марбут ба ташкили муҳоҷирати ғайриқонуниро ошкор кардаанд. Ин омор нишон медиҳад, ки бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёди расонаҳо ва сиёсатмадорони рус ба масъалаи ҷиноятkории муҳоҷирон, ҳиссаи он дар омори умумии кишвар нисбатан маҳдуд аст.

820 ҲАЗОР ХОРИҶӢ ДАР РӮЙХАТИ НАЗОРАТӢ

Тибқи маълумоти расмӣ, аз январ то сентябри соли равон ба Русия тақрибан 7 миллион шаҳрванди хориҷӣ ворид шудаанд, ки нисбат ба соли гузашта 10 дарсад кам мебошад.

Ба ҳолати 1-уми октябр дар Русия тақрибан 6 миллион хориҷӣ қарор доштаанд.

Дар ҳамин ҳол, шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба феҳристи шахсони таҳти назорат ворид шудаанд, ба 820 ҳазор нафар расидааст. Аз ин шумора, тибқи суханронии расмии вазир, 140 ҳазор нафар ноболиғ мебошанд.

Шахсони ба ин феҳрист воридшуда бо маҳдудиятҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҷумла, имкони анҷом додани амалиёти бонкӣ, бақайдгирии никоҳ ва идораи воситаҳои нақлиёт барои онҳо маҳдуд мегардад. Колоколтсев масдуд кардани суратҳисобҳои бонкиро яке аз воситаҳои таъсирбахши маҷбур намудани муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба тарки Русия номид.


БАРОИ 290 ҲАЗОР НАФАР РОҲ БА РУСИЯ БАСТА ШУД

Бино ба гузориши нашрияи «Коммерсантъ», дар нуҳ моҳи соли равон тақрибан 120 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз Русия хориҷ карда шудаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз ду баробар зиёд аст.

Ҳамчунин, мақомоти Русия барои 290 ҳазор хориҷӣ ба муҳлати аз се то даҳ сол вуруд ба кишварро манъ кардаанд.

Назорат аз болои додани иҷозати иқомат низ сахттар шудааст. Ба гуфтаи вазир, бекор кардани иҷозати иқомати доимӣ панҷ баробар ва иҷозати иқомати муваққатӣ 18 баробар афзудааст.

Мақомоти Русия ин равандро, аз ҷумла, ба ошкор намудани никоҳҳои сохта ва ҳолатҳои пешниҳоди маълумоти бардурӯғ рабт медиҳанд.



ЧАРО СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ САХТТАР МЕШАВАД?

Пас аз ҳамлаи террористӣ ба толори консертии «Крокус Сити Ҳолл» дар моҳи марти соли 2024 масъалаи муҳоҷират ба яке аз мавзуъҳои асосии сиёсати дохилии Русия табдил ёфт. Мақомоти ин кишвар даҳҳо тағйиротро барои тақвияти назорат аз болои шаҳрвандони хориҷӣ ҷорӣ карданд.

Аз ҷумла, низоми бақайдгирии электронии муҳоҷирон, ҷамъоварии маълумоти биометрӣ ва назорати макони будубоши онҳо густариш ёфтааст. Дар соли 2026 низ талаботи нави муоинаи тиббӣ ҷорӣ гардид. Ҳамзамон, Вазорати корҳои дохилӣ лоиҳаи қонунеро таҳия кардааст, ки барои истифодаи меҳнати муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҷаримаҳои бузург пешбинӣ мекунад.

МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК ЧӢ КОР КУНАНД?

Русия ҳамоно яке аз самтҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, ҳар тағйирот дар қонунгузории ин кишвар метавонад ба зиндагии ҳазорон хонаводаи тоҷик таъсир расонад.

Сахттар шудани талабот зарурати санҷиши мухлати бақайдгирӣ, патент, шартномаи меҳнатӣ ва вазъи ҳуқуқии муҳоҷиронро бештар мекунад.

Дар баробари ин, солҳои охир шаҳрвандони Тоҷикистон ба бозорҳои меҳнати Қазоқистон, Беларус, кишварҳои арабӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва Британияи Кабир низ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Аммо барои кам кардани вобастагӣ аз бозори меҳнати Русия танҳо тағйири самти муҳоҷират кофӣ нест. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, касбомӯзӣ ва созишномаҳои расмии байнидавлатӣ низ аҳамияти муҳим доранд.

О. СОҲИБЗОДА

ҲУШДОРИ СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар шаҳри Маскав ҷомеаи ҷаҳониро даъват кард, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи Афғонистонро коҳиш надиҳад. Ба гуфтаи ӯ, сулҳу субот дар ин кишвар на танҳо барои амнияти Осиёи Марказӣ, балки барои рушди ҳамкориҳои иқтисодию энергетикии минтақа аҳамияти муҳим дорад.

Сирочиддин Мухриддин дар ҷаласаи муштараки Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, Шурои вазирони мудофиа ва Кумитаи котибони шуроҳои амнияти Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД), ки таҳти раёсати Сергей Лавров баргузор гардид, иштирок кардааст.



Ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, Мухриддин дар ҷаласаи умумии Форуми байналмилалӣ оид ба таъмини амнияти дастаҷамъӣ таҳти унвони «Амнияти дастаҷамъӣ дар ҷаҳони бисёрқутба» суханронӣ намудааст. «Мо Афғонистони босубот ва осоиштаро на танҳо шарти муҳимтарини амнияти Осиёи Марказӣ, балки пешшарти зарурии рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, нақлиётӣ ва энергетикӣ медонем», — таъкид кардааст вазир. Ба гуфтаи ӯ, Тоҷикистон ҷонибдори ҳалли мусолиматомези масъалаҳои Афғонистон дар асоси муколамаи фарогири умумимиллӣ мебошад. Вазири корҳои хориҷӣ ҳамчунин изҳор доштааст, ки ташаккули ҷаҳони бисёрқутба бояд бар пояи эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқии давлатҳо ва ҳамкориҳои созанда сурат гирад. Дар ин замина, ӯ аз кишварҳои узв даъват кардааст, ки барои муқовимат ба таҳдидҳои нави амниятӣ тадбирҳои муштарак андешанд.

АМРИКО ЯК ЗОДАИ ДУШАНБЕРО БАРОИ ҲАМКОРӢ БО ЭРОН ТАҲРИМ КАРД

ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО АЛИШЕР ДОМУЛЛОҶОНОВ, ЗОДАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ВА ДОРОИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯРО БА РӮЙХАТИ ТАҲРИМҲОИ ХУД ВОРИД КАРДААСТ.

Мақомоти амрикоӣ ӯро ба мусоидат дар харидории силоҳи зиддиҳавоӣ барои Эрон муттаҳам мекунанд. Гуфта мешавад, ки Департаменти давлатии ИМА рӯзи 4-уми ноябр эълон кардааст, ки Алишер Домуллоҷонов дар талошҳои дастрас кардани маҷмааҳои сайёри мушакии зиддиҳавоӣ барои Эрон нақш доштааст.

Тибқи маълумоти нашршуда дар рӯйхати таҳримҳои Вазорати молияи Амрико, Домуллоҷонов 29-уми ноябри соли 1989 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Дар ин санад маҳалли зисти ӯ деҳаи Хрипани ноҳияи Раменски вилояти Маскави Русия нишон дода шудааст. Ҳамзамон бо ӯ Муҳаммадалӣ Толибов, роҳбари ширкати «Armory Alliance», ки дар Беларус сабти ном шудааст ва ширкати «Vanguard Tactical Supply Limited» аз Нигерия низ таҳти маҳдудиятҳои Амрико қарор гирифтаанд. Ба иддаои Департаменти давлатии ИМА, ширкати «Armory Alliance» ҳамчун миёнарав миёни ширкатҳои чинӣ ва Эрон фаъолият карда, дар ташкили харидории садҳо маҷмааи сайёри мушакии зиддиҳавоӣ иштирок доштааст.

Ширкати «Vanguard Tactical Supply Limited» низ, ба гуфтаи мақомоти амрикоӣ, барои интиқоли чунин силоҳҳои истеҳсоли Чин ба Эрон мусоидат кардааст. Вашингтон мегӯяд, ҳадафи таҳримҳои нав пешгирӣ аз фаъолияти шабакаҳоест, ки Эрон тавассути онҳо талош дорад захираҳои низомии худро барқарор кунад. Тибқи муқаррароти таҳримҳо, дороиҳо ва манфиатҳои молумулкии шахсону ширкатҳои номбаршуда, ки дар қаламрави Амрико қарор доранд ё таҳти назорати шахсони амрикоӣ ҳастанд, масдуд мешаванд. Ҳамчунин, анҷом додани муомилоти молиявӣ бо онҳо аз ҷониби шаҳрвандон ва ширкатҳои амрикоӣ, ба истиснои ҳолатҳои иҷозатдодашуда, манъ мегардад.

Бояд гуфт, ки ин нахустин мавриди таҳрим шудани зодагони Тоҷикистон дар робита ба фаъолияти шабакаҳои марбут ба Эрон нест. Қаблан Сухроб Оймаҳмадов, шаҳрванди Тоҷикистон ва роҳбари ширкати «Zedx DMCC» дар Амороти Муттаҳидаи Араб низ ба рӯйхати таҳримҳои Иёлоти Муттаҳида ворид шуда буд. Мақомоти амрикоӣ ӯро ба ҳамкорӣ бо шабакаи молиявии Бобак Занҷонӣ, миллиардери эронӣ, муттаҳам кардаанд. Ба иддаои Вашингтон, ин шабака ба давр задани таҳримҳо ва интиқоли маблағ ба сохторҳои марбут ба Эрон, аз ҷумла Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ, мусоидат мекард. То ҳол назари Алишер Домуллоҷонов ва мақомоти Тоҷикистон дар робита ба таҳримҳои нави Амрико дастрас нест.



САНГИ ЁДГОРӢ БА ИФТИХОРИ ФАРЗАНДИ ФАРОБ

РӮЗИ 7 НОЯБРИ СОЛИ 2026 ДАР ДЕҲАИ ФАРОБИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ МАРОСИМИ БА НОМИ ГЕНЕРАЛ-МАЙОР ХУДОЙҚУЛ ҲАМРОҚУЛОВ ГУЗОШТАНИ МАКТАБИ МИЁНАИ № 10 БАРГУЗОР ГАРДИД. БО ПЕШНИҲОДИ РОҲБАРИЯТИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ СУҒД 13 МАРТИ СОЛИ 2026 ДАР ИН БОРА ҚАРОРИ № 90 ҚАБУЛ КАРДА БУД.

Дар маросим беш аз 500 нафар, аз ҷумла омӯзгорону хонандагон, собиқадорони амният, фаъолони шаҳру деҳа, дӯстону пайвандони марҳум ва меҳмонон аз Душанбе, Тошканд, Самарқанду Бухоро иштирок намуданд. Ман ҳамроҳи раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода ва сардори Раёсати КДАМ дар вилояти Суғд генерал-майор Зубайдулло Алихонов парда аз рӯи санги ёдгорӣ бардоштем. Дар рӯи санг акси генерал ва матни қарори номгузорӣ ҷой дода шудаанд. Сипас меҳмонон аз синф-осорхона дидан карданд. Дар он ордену медалҳо, сипосномаҳо, аксу ҳуҷҷатҳои даврaҳои гуногуни хизмати устод ба намоиш гузошта шудаанд.

Генерал-майор Зубайдулло Алихонов аз хизмати Худойқул Ҳамроқулович дар солҳои душвори барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва аз кордониашон дар мақомоти амнияту гумрук ёдовар шуд. Абдухолиқ Холиқзода ба хонандагон хотиррасон кард, ки як ҷавони шонздаҳсола аз ҳамин деҳаи кӯҳистон ба Душанбе рафта, соҳиби маълумоти олӣ гардид ва баъдтар дар амният, гумрук ва ободонии пойтахт ба Ватан хизмат кард.

Водии зебоманзари Зарафшон, ки ба миллати мо устод Рӯдакиву Лоиқ Шералиро додааст, фарзандони далеру кордони зиёдеро низ ба камол расондааст. Худойқул Ҳамроқулович 25 марти соли 1947 дар Фароб ба дунё омадаанд. Факултаи математика ва физикаи Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм карда, дар ноҳияи Тоҷикобод ба омӯзгорӣ пардохтанд. Соли 1968 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуданд ва дар воқеаҳои Чехословакия иштирок намуданд. Пас аз адои хизмат ба Панҷакент баргашта, омӯзгориро идома доданд. Соли 1971 ба мақомоти бехатарӣ даъват шуданд. Хизматро ба ҳайси афсари рамзгузор оғоз карда, сипас се сол муҳофизи роҳбари вақти ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов буданд.

Соли 1974 ба вилояти навтаъсиси Кӯлоб фиристода шуданд ва дар ҳифзи сарҳад бо Афғонистон фаъолият карданд. Боре худи устод нақл карданд, ки дар Афғонистон гурӯҳи силоҳбадасте маҳаллеро иҳота кард, ки аскарони шӯравӣ аз он ҷо оби нӯшокӣ мегирифтанд. Пас аз чанд рӯз захираи об тамом шуд ва фармондеҳ ба амалиёти ҷангӣ омодагӣ мегирифт. Капитан Ҳамроқулов масъулияти гуфтушунидро ба дӯш гирифтанд. Бо миёнравии яке аз мӯйсафедони деҳа ҳамроҳи як сарбози тоҷик бе силоҳ ба масҷид рафта, бо мулло Камолбой ва қумандон Бисмиллоҳ суҳбат карданд. Дар суҳбат маълум шуд, ки аҷдоди ҳар ду аз Самарқанд будаанд. Ниҳоят тарафҳо ба созиш расиданд, ки аскарон дар вақти муайян об гиранд ва ба деҳа ворид нашаванд. Ҳамин тавр, аз ҳар ду тараф тире парронда нашуд.

Дар раёсатҳои амнияти Кӯлобу Хатлон устод дар интихобу тарбияи садҳо афсар саҳм доштанд. Ба гумонам, китоби одамшиносиро аз худ карда буданд. Дар интихоби ҷавонон ба кордониву садоқаташон менигаристанд ва ба ҳар қадом, аз ҳар гӯшаи кишваре, ки буд, барои пешрафт роҳ мекушоданд. Генерал-майор Давлат Мамадризобеков, ки дар Кӯлоб сардори раёсату Ҳамроқулов муовинашон буданд, ба ёд меоранд, ки устод аз ҳама пеш ба кор меомаданду аз ҳама дер мерафтанд. Ба таъбири ҳамкорашон, устод дили гарм ва дастони тоза доштанд.

Соли 1990 мардуми ҳавзаи Оқсуи ноҳияи Данғара устодро вакили худ интихоб карданд. Баъдан раиси Кумитаи давлатии гумрук таъин шуданд ва барои ба роҳ мондани ситонидани бочи гумрукӣ, пешгирии қочоқ ва беҳтар кардани шароити кори кормандон кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Бесабаб нест, ки кормандони соҳа он касро устод ва асосгузори идораи гумруки кишвар мешуморанд. Солҳои 1997–2000 муовини вазири амният буданд. Ба минтақаҳои Рашту Бадахшон сафар карда, кормандонро ба хизмати содиқона дар роҳи сулҳу ваҳдат рӯҳбаланд менамуданд. Солҳои 2000–2003 ба ҳайси муовини раиси шаҳри Душанбе дар ободонии пойтахт саҳм гузоштанд.

Ман Худойқул Ҳамроқуловичро беш аз чиҳил сол мешинохтам. Он касро чун устод, ҳамкор ва бародари бузург эҳтиром мекардам. Шиори зиндагии устод «Рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек» буд. Дар кор сахтгир буданд. Аввал барои кормандон шароит муҳайё мекарданд, сипас натиҷаи корро талаб менамуданд. Солҳои 1992–1993 Лоиқ Шералӣ ба дидори устод меомаданд. Ман борҳо ҳамроҳи раиси вақти амният С. Зуҳуров дар он суҳбатҳои самимӣ иштирок кардаам. Шоири ватандӯсти мо аз дарди мардум сухан мегуфтанду хоҳиш мекарданд, ки ҳарчи зудтар пеши роҳи ноороминҳо гирифта шавад, то мардум ба хонаҳояшон баргарданд.

Баъдтар, вақте устод ширкати сайёҳии «Ориёно Адвентур»-ро роҳбарӣ мекарданд, утоқи кориашон ба маҳалли дидори собиқадорони амният табдил ёфта буд. Ҳар бор ба наздашон мерафтем, чанд ҳамкори собиқро он ҷо медидем. Ба яке ёрӣ мерасонданд, дигареро пуштибонӣ мекарданд ва ба сеюмӣ маслиҳати зиндагӣ медоданд. Аз комёбии фарзандону наберагони ҳамкорон самимона шод мешуданд. Аз шогирдиву ҳамкорӣ ва дӯстӣ бо ин марди бонангу номус ифтихор дорам.

Дар маросим полковник Абдунабӣ Амонов шеъри «Ёд аз Худойқул мекунам»-ро хонд. Полковник Бахтиёр Раҳмонов аз номи собиқадорони Кӯлоб ба осорхона тоқии чакандӯзӣ ҳадя кард. Анвар Парпиев аз номи дӯстон қолинеро бо акси устод тақдим намуд. Бародари марҳум Олимҷон Ҳамроқулов аз номи пайвандон барои қадрдонии хизматҳои бародараш арзи сипос кард.





Ман Худойқул Ҳамроқуловичро беш аз чиҳил сол мешинохтам. Он касро чун устод, ҳамкор ва бародари бузург эҳтиром мекардам. Шиори зиндагии устод «Рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек» буд. Дар кор сахтгир буданд. Аввал барои кормандон шароит муҳайё мекарданд, сипас натиҷаи корро талаб менамуданд. Солҳои 1992–1993 Лоиқ Шералӣ ба дидори устод меомаданд. Ман борҳо ҳамроҳи раиси вақти амният С. Зуҳуров дар он суҳбатҳои самимӣ иштирок кардаам. Шоири ватандӯсти мо аз дарди мардум сухан мегуфтанду хоҳиш мекарданд, ки ҳарчи зудтар пеши роҳи ноороминҳо гирифта шавад, то мардум ба хонаҳояшон баргарданд.

Баъдтар, вақте устод ширкати сайёҳии «Ориёно Адвентур»-ро роҳбарӣ мекарданд, утоқи кориашон ба маҳалли дидори собиқадорони амният табдил ёфта буд. Ҳар бор ба наздашон мерафтем, чанд ҳамкори собиқро он ҷо медидем. Ба яке ёрӣ мерасонданд, дигареро пуштибонӣ мекарданд ва ба сеюмӣ маслиҳати зиндагӣ медоданд. Аз комёбии фарзандону наберагони ҳамкорон самимона шод мешуданд. Аз шогирдиву ҳамкорӣ ва дӯстӣ бо ин марди бонангу номус ифтихор дорам.

Дар маросим полковник Абдунабӣ Амонов шеъри «Ёд аз Худойқул мекунам»-ро хонд. Полковник Бахтиёр Раҳмонов аз номи собиқадорони Кӯлоб ба осорхона тоқии чакандӯзӣ ҳадя кард. Анвар Парпиев аз номи дӯстон қолинеро бо акси устод тақдим намуд. Бародари марҳум Олимҷон Ҳамроқулов аз номи пайвандон барои қадрдонии хизматҳои бародараш арзи сипос кард.

Бо меҳмонон аз боғи даҳгектараи устод дар Фароб низ дидан кардем. Ниҳолҳое, ки дӯстонашон аз кишварҳои гуногун оварда буданд, дар ин боғи дӯстӣ реша гирифта, ба ҳосил омадаанд. Дар ҳар дарахти лимӯ беш аз сад дона мева буд. Бо ин заҳмат устод нишон доданд, ки лимӯ дар Фароби кӯҳистон ҳам ҳосил медиҳад.

Худойқул Ҳамроқулович 6 августи соли 2024 ин ҷаҳонро падруд гуфтанд. Аз номи собиқадорони амният ба роҳбарияти кишвар, КДАМ ва мақомоти вилояти Суғду шаҳри Панҷакент барои ҷовидон гардондани номи неки устод изҳори сипос мекунам. Бовар дорам, ки аз миёни хонандагони ин мактаб ҷавононе ба камол мерасанд, ки ба мисли устод номбардори Ватан хоҳанд шуд.

Раҷабалӣ МАҲМАДАЛИЕВ,
генерал-майори мустаъфӣ,
собиқадори амният



Марямбонуи Фарғонӣ:

ЗИНДАГӢ БАРОЯМ АРСАИ ТАЛОШ АСТ!



НАВИСАНДА ВА РӮЗНОМАНИГОРИ ШИНОХТА МАРЯМБОНУИ ФАРҒОНӢ 11-УМИ НОЯБР БА СИННИ МУБОРАКИ 70 РАСИД. ДАР ОСТОНАИ ИН ҶАШН АДИБ БА УНВОНИ БАЛАНДИ НАВИСАНДАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН САРФАРОЗ ГАРДИД ВА НАХУСТИН ЗАНЕ ШУД, КИ ИН УНВОНРО СОҲИБ ШУДААСТ. БА ИН МУНОСИБАТ БО МАРЯМБОНУИ ФАРҒОНӢ АЗ РӮЗГОРИ ПУРШЕБУ ФАРОЗ ВА САРНАВИШТИ ЭҶОДИАШ СУҲБАТ ОРОСТЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ШУМО МЕГАРДАД.

- Имсол ба синни муборакӣ 70 расидед. Вақте ба роҳи тайкардаи зиндагӣ менигаред, кадом лаҳзаҳоро сарнавиштсоз медонед?

- Ба назари ман, сарнавишти инсон бештар аз маҷмуи интихобҳо, эътиқодҳо ва садоқатҳое шакл мегирад, ки ӯ дар тӯли зиндагӣ ба онҳо вафодор мемонад. Дар ҳафтод соли умрам ҳам рӯзҳои шодиро таҷриба кардаам, ҳам талхиҳои рӯзгорро чашидаам. Аммо ҳеҷ кадоме натавонист маро аз роҳи интихобкардаам - роҳи сухан, андеша ва эҷод дур андозад. Имрӯз сарнавишти худро на аз рӯйи он чӣ ба даст овардаам, балки бештар аз рӯйи он чӣ дар худ ҳифз карда тавонистаам, арзёбӣ мекунам, яъне муҳаббат ба забони модарӣ, садоқат ба асли хеш, эҳтиром ба инсон ва бовар ба неруи созандаи сухан. Шояд ман аз ҳама чизу ҳама кас бурида тавонам, аммо аз хома не.

- Кӯдакӣ дар Сӯх ва муҳити хонаводагӣ ба ташаккули завқи адабии Шумо чӣ таъсир гузошт?

- Муҳити зодгоҳам - Сӯхи биҳиштосо бо табиати нотакрор, чашмасорон, расму ойинҳо ва забони ширини мардумаш дар ташаккули ҷаҳонбиниам таъсири амиқ гузоштааст. Ҳоло чашм мепӯшаму аз баҳори умри хеш, аз рӯзҳое, ки дар хонадони Бобои Мулло Ҷалолам нознозӣ мекардам, меандешам. Модаркалонам Ҳамронисо саводи казоӣ надошт, аммо дар афсонагӯйӣ беҳамто буд. Бадоҳатан байтҳое илова мекард, ки дигар аз касе нашунидаам. Бобои Мулло Ҷалолам одами мадрасадида ва китобдӯст буданд. Шабҳои чиллаи зимистон бароямон «Қассас-ул-анбиё» мехонданду «Қобуснома», Ҳофизхонӣ мекарданду Машрабхонӣ...

Модарам Анзуратпоччо барои таъмини мо чор тифли ятим пайваста заҳмат мекашид. Шабҳое, ки дарз медӯхт, хоҳиш мекард, барояш китоб хонам. Ману ӯ даҳҳо китобро зери рӯшноии чароғи карасинӣ ҳамроҳ фаровардаем. «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзодаро барояш такрор ба такрор хондаам. Инсон метавонад аз зодгоҳ дур шавад, аммо зодгоҳ ҳаргиз аз вучуди ӯ дур намеравад.

- Шумо дар ҷавонӣ омӯзгор будед. Ин касб ба эҷодиётатон чӣ таъсир гузошт?

- Солҳои омӯзгорӣ марҳалаи муҳими зиндагии ман буд. Мехостам дар шогирдон муҳаббат ба сухани модарӣ, завқи зебоипарастӣ ва эҳтиром ба арзишҳои маънавиро бедор созам. Пешаи омӯзгорӣ масъулияти суханро бештар эҳсос кунонид. Зеро сухани омӯзгор метавонад дар қалби шогирд нақш бандад. Таҷрибаи омӯзгорӣ имкон дод, ки дар Маркази методии Вазорати маориф фаъолият барам ва ба доираи адабии Душанбе бипайвандам.

- Шумо бо як иттифоқ ачиб ба Душанбе омадед ва ин ҷо мондед...

- Зери ҳар тасодуф зарурате ниҳон аст. Ба сабаби номусоидии ҳаво билети Қӯқанд – Тошкандро ба билети Қӯқанд – Душанбе иваз карда будам, то як рӯз шаҳри орзуҳоямро тамошо кунам. Ин сафари якрӯза ба якумрӣ табдил ёфт. Ба Душанбе чунон дил бастам, ки ҳатто замони нооромиҳои сиёсӣ, вақте ба ҳавлиам тири туфанг жолавор мерехт, наздиконам маро ба аввалватанам баргардонида натавонистанд.

- Чӣ шуд, ки аз рӯзноманигорӣ ба насри бадеӣ рӯ овардед?

- Вақти аз Сӯх кӯч бастанам ба Душанбе андаруни ҷомадонам як бастаи дастнависамро иборат аз қиссаву ҳикояҳо ва як мушт хоки хонаи модар ҷой дода будам. Ҳанӯз дар синни мактабӣ ҳикоягунаҳоям чоп мешуданд. Солҳои донишҷӯйӣ низ чанд ҳикояам дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» нашр шуда буд. Фақат хеле дертар аз пайи китоб кардани насри бадеиам шудам.

- Дар осори Шумо мавзуи зан ҷойгоҳи хос дорад. Симои зани тоҷик дар адабиёти муосир то чӣ андоза воқеӣ инъикос мешавад?

- Занро ҳамчун олами мустақили маънавию равонӣ, бо тамоми печидагиҳои эҳсосот, орзуву ормонҳо ва тазодҳои ботиниаш дарк мекунам. Баъзан зан дар адабиёт бештар ҳамчун модар, ҳамсар ва нигоҳдорандаи оила тасвир мешавад. Ҳол он ки ҳастии зан аз ин доира фаротар аст. Ӯ ҷаҳонбинии мустақил, тафаккур, орзуҳо ва ҳуқуқи интихоби сарнавишти хешро дорад. Зан набояд танҳо объекти меҳру ситоиш ё раҳму ҳамдардӣ бошад. Ӯ бояд ҳамчун офарандаи сарнавишти худ зуҳур кунад.

- Ин андешаҳои Шумо дар романи “Таманно” инъикос шудааст. Ангезаи офаридани ин асар чӣ буд?

- Ангезаи нахустин вохӯрии тасодуфӣ бо зани воқеие буд, ки саргузашти шигифтангез дошт. Он занро дар овони навҳонадориаш барқ зада, мурда пиндошта ба хок супурдаанд. Аммо тавонистааст аз қабр берун ояд. Ин саргузашт маро сахт ба андеша бурд. Баъдан сарнавишти чандин бонуи дигарро омӯхтам. Таманно нусхаи як зани воқеӣ нест, балки образи ҷамъбастиест, ки дар вучудаш сарнавишти чандин зан таҷассум ёфтааст.

- Дар осори шумо мавзуъи ҷанги шаҳрвандӣ бозтоби густарда дорад. Оё инъикоси бадеии воқеаҳои солҳои 90 барои нависанда душвор аст?

- Бисёр сангин! Он чӣ дар асарҳоям тасвир кардаам, ҳатто садяки воқеият ва фоҷиаҳои он солҳоро фаро намегирад. Дар паси ҳар қиссаи навишташуда садҳо қиссаи ногуфта боқӣ мондаанд. Бо вучуди ин, навиштан зарур аст. На барои барангехтани кинаву адоват, балки барои он ки наслҳои оянда бидонанд, бадбинию таассуб ҷомеаро ба кучо расонда метавонад.

- Барои Шумо «Фарғонӣ» будан чӣ маъно дорад?

- Танҳо мансубияти ҷуғрофӣ нест, балки сарнавишти маънавӣ ва фарҳангист. Ман фарзанди Сӯхам, гӯшае аз сарзамини бостонии Фарғона. Ифтихор дорам, ки ин водӣ донишмандону шоирони бузургро парваридааст. Сӯху Фарғона дар осори ман танҳо макони воқеаҳо нестанд, балки порае аз вучуди мананд.

Табъи равон, ки додам
моми фалак фаровон,
Фарғонӣ буданам бас,
ман карру фар нахоҳам.

- Дар осоратон аз лаҳҷаҳои мардумӣ зиёд истифода мекунед...

- Забони мардумӣ хазинаи бебаҳои забони миллӣ аст. Дар санъати синаи ҳар лаҳҷа вожаҳо ва таъбирҳои нодире маҳфузанд, ки дар забони адабӣ камранг ё фаромӯш шудаанд. Масалан, «Дасти кӯп - хишоваи арзан», «Субҳ ангора мекунад», «Кафша монда бо патак метозад»... Магар инҳо ганҷи фарҳанги мардум нестанд? Вазифаи адибон аст, ки чунин лаълу гуҳарро ҷамъ ованд, ба осорашон ворид кунанд, то ба коми фаромӯшӣ наафтанд.

- Бо устодони адабиёт – Сотим Улуғзода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Мӯъмин Қаноат... робитаи наздик доштед, мусоҳибаҳо анҷом додед. Аз ин вохӯриҳо чӣ бардоштҳо доред?

- Бардоштҳоямро қисман навиштаам, боқиро имкон даст диҳад ба қалам хоҳам дод. Устод Шакуриро соли 1991 дар дафтари кориам, дар «Садои мардум», дидам. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ зуд-зуд ба коргоҳу манзилашон мерафтам, то аз суҳбаташон оромии рӯҳонӣ ёбам. Рӯзе навиштаҳоямро дар бораи эшон бурдам. Бонуи хона Дилафрӯз Икромӣ онҳоро қироат карданд. Устод баъди шунидан бо ҳайрат пурсиданд: «Ин ҳамаро кай ҷамъ овардед?» Сипас гуфтанд: «Шумо моро ғофилгир кардед, бону». Ин суханро барои чопи матлаби «Аз Шакурӣ бӯйи Бухоро меояд» чун фотеҳа қабул кардам. Аз устод Муъмин Қаноат низ насиҳати фаромӯшнашуданӣ дорам: «Бурдбор бошед, қайсари Фарғона бошед!»

- Ба насри ҷавони тоҷик чӣ назар доред?

- Бо умед менигарам. Истеъдод, чӯяндагӣ ва шавқи навоварӣ мебинам. Аммо шитоб дар эҷод, камтаваҷҷуҳӣ ба забон ва мутолиаи нокифоя нигаронам мекунанд. Адабиёт бо такрори дигарон пеш намеравад. Он бо андешаи мустақил, истеъдоди асил ва чустучӯҳои нав зинда мемонад.

- Нахустин зане шудед, ки унвони Нависандаи халқии Тоҷикистонро соҳиб гардидед. Чӣ эҳсос доред?

- Ин қадршиносӣ бароям мояи ифтихор ва масъулияти маънавист. Эҳсос мекунам, ки дар симои ман заҳмати занони қаламкаш низ қадршиносӣ шудааст. Аммо адибро на унвону ҷоиза, балки осоре, ки аз худ мегузорад, ҷовидона месозад. Мехоҳам то охирин нафас ба қалам содиқ бимонам.

- Агар зиндагӣ ва эҷодиёти худро дар як калима ҷамъбаст кунед?

- Ҷавоби ман ҳамеша ин аст: ТАЛОШ!

Мусоҳиб: Одил Нозир

МАЪЛУМОТНОМА

Марямбонуи Фарғонӣ (Марям Эшончонова) 11 ноябри соли 1956 дар деҳаи Равони ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ба дунё омадааст. Нависанда, шоира ва рӯзноманигор, Нависандаи халқии Тоҷикистон. Солҳои 1973–1977 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил кардааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз омӯзгорӣ дар зодгоҳ оғоз намуда, баъдан дар Маркази методии Вазорати маориф ва матбуоти Тоҷикистон, аз ҷумла нашрияи «Садои мардум» ва «Омӯзгор», кор кардааст. Узви Иттиҳоди журналистон аз соли 1992 ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз соли 1996 мебошад. Муаллифи осори насриву манзум, аз ҷумла романи «Таманно», қиссаҳои «Нақши бад», «Ману ишқи лӯлидухтар» ва «Ҳадиси Ришton» аст. Дар эҷодиёти ӯ сарнавишти зан, арзишҳои инсонӣ, ҳувияти миллӣ ва хотираи таърихӣ ҷойгоҳи муҳим доранд.



Дар ёдбуди 85-солагии Ҷонибек Қувноқ

САФИРИ ФАРҲАНГИ МО ДАР ТОШКАНД



ЧУНИН СИФАТИ УСТОД ЛОИҚ ДАР ВАСФИ АДИБ, ТАРҶУМОН ВА ПУБЛИТСИСТИ ШИНОХТА, ШОДРАВОН ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ ИФОДАГАРИ АҚИДАВУ НАЗАРИ АҲЛИ АДАБИ ТОҶИК БУД

Ҷонибек Қувноқ 10-уми ноябри соли 1941 дар деҳаи Порашти кӯҳистони Нурато, вилояти Самарқанд, ки ҳоло мутааллиқ ба ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах аст, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

Баъдтар дар яке аз шеърҳояш ба ин ишора намуда буд:

Форишиям - дар мағзи кӯҳ,
Кӯю дари аҷдоди ман.
Аз чашмаву кӯҳи баланд
Чор унсури бунёди ман.

Айёми тифлиаш бе навозишҳои падари ба ҷанги Германия рафта сипарӣ шуда, бачагиаш чун дигар ҳамсолони деҳа бо подачарроиву хезумкашиву хӯшачинӣ гузашт. Вале панди падари аз ҷанг сарбаланд баргаштаву умри носер дида ва ҳидояти модари мунису мушфиқи ҷойи падар гирифта ӯро обутоб дод, бармаҳал тамкину солорӣ ва зиндагишиносӣ омӯхт. Соли 1964 факултети таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории Ленинободро хатм намуд. Соле дар мактаби миёнаи рақами 11-и ноҳияи Панҷакент муаллим буд, сипас хизмати ҳарбӣ кард. Баъди бозгашт дар мактаби зодгоҳаш омӯзгорӣ намуд.

Баҳори соли 1966 Ҷонибекро, ки то ин вақт хабарнигори фаъоли рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» буд, ба Тошканд, ба идораи нашрия даъват карданд.

Дар таҷрибаи матбуот гоҳе аз як мақола ба ҳунару ҷасорат ва фарохии диду назари муаллиф баҳо медиҳанд. Бо Ҷонибек маҳз чунин иттифоқ афтод. Мақолаи «А, Б, Т – маорифчон пула те!» мушкилоти мактаби деҳаро ба миён гузошт. Баъди чопи он таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ на танҳо ба мактаби танқидшуда, балки ба тамоми таълимгоҳҳои тоҷикии ноҳияи Фориш ба таври мусбат тағйир ёфт. Фаъолияти минбаъдаи Ҷонибек бо «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (баъдтар «Овози тоҷик») шаҳри Тошканд ва муҳити тоҷикони Ӯзбекистон пайванд гардид.

Дафтари кори Ҷонибек дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва хонааш дар маркази шаҳри Тошканд, ҳамеша аз тоҷикону Тоҷикистониён, бахусус аз аҳли адабу фарҳанг, канда намешуд. Он солҳо ҳарчанд Ӯзбекистону Тоҷикистон аъзои як оилаи Шуравӣ буданд ва таъсисёбиву амали сафоратхона ё консулгарӣ ҳоҷат надошт, дӯстону ҳамкасбони Тоҷикистониаш аз рӯи меҳру муҳаббат дафтари кори Ҷонибекро «консулгарӣ» ва хонаашро «сафорати фарҳангӣ» меномиданд.

Ҷонибек ҳамчун масъули шуъбаи адабиёту ҳунари рӯзнома ва дертар ба унвони ҷонишини сармуҳаррир, дар пешрафти нашрияи тоҷикии ҷумҳурӣ хидматҳои пурарзиш анҷом додааст. Ӯ чун адибу рӯзноманигор, тарғибгари фарҳангу адабиёт, пайвандгари дӯстиву ҳамкориҳои халқҳои ҳамсоя буд, вале бародариро бар асоси баробарӣ авло дониста, тадбир меҷусту меёфт.

Ӯ дар яке аз сафарномаҳояш аз Тоҷикистон, батафсил нигошта буд: чӣ хуб, ки асарҳои адибони ӯзбекзабони Тоҷикистон бо забони модариашон дар нашриётҳои шаҳри Душанбе, бо теъдоди зиёд ба табъ мерасанду чаро дар Тошканд осори адибони тоҷикзабони Ӯзбекистонро ҳатто дар шакли маҷмӯае чоп кардан амри маҳол бошад?

Ва аз тариқи рӯзнома, аз минбарҳои толорҳову паси мизи курсинишинони Тошканд ин ва дигар масъалаҳои мактабу маорифи тоҷикони Ӯзбекистонро бо далелу рақамҳо, бо эҳтиросу ботамкин, такрор ба такрор менавишту мегуфт. Ниҳоят, дар ҳузури Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон Шӯрои дабиёти тоҷик таъсис шуд, дар Тошканд гоҳ-гоҳ, дар Самарқанд бештар, китобҳои тоҷикӣ ба табъ мерасида шуданд. Охири соли 1988 аз Телевизиони Ӯзбекистон бори аввал барномаи тоҷикии "Рангинкамон" дар мавҷи ҳаво паҳн гардид. Дар радио ҳам барномаҳои ӯ нашр мешуданд.

Шоир Ҷонибек Қувноқ ҳанӯз дар айёми мактабхонӣ ба шеъру шоирӣ алоқаи вофир дошта, ки шеъргунаҳои ӯ даст ба дасти ҳамсинфу дӯстонаш мегаштааст. Аммо нахустин шеъраш соли 1961 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» чоп мешавад. То имрӯз тавассути муассисаҳои табъу нашри Тоҷикистон чанд маҷмӯаи шеърии ӯ ба дасти хонандагон расидааст. Аз ҷумла, «Қарз» (Душанбе: Ирфон, 1973), «Арзи дил» (Душанбе: Ирфон, 1977), «Ифтихор» (Душанбе: Адиб, 1982), «Розҳо» (Душанбе: Адиб, 1987), «Зангӯла» (зери таҳрири Одина Мирак; Душанбе: Адиб, 1990), «Саховат» (бо таҳрири Саидалӣ Маъмур ва сарсухани Лоиқ Шералӣ; Душанбе: Адиб, 1998), «Чароғи сухан» (бо веростории Гурез Сафар; Душанбе: Адиб, 2010).

Ҷонибек Қувноқ дар байни эҷодкорони солҳои 70 ва 80-ум аз он ҷиҳат бартарӣ дошт, ки ӯ ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мусаллат буд, ба ду забон эҷод мекард ва дар ин самт анъанаи неки халқҳои бародарро идома медод. Дар тарғиби адабиёти тоҷик дар байни мардуми ӯзбек ва мутақобилан, адабиёти ӯзбек дар байни халқи тоҷик саҳми босазо мегузошт. Чунончи, ӯ кори тарҷумаро аз ашъори устоди назм – Мирзо Турсунзода («Оташ посбони») ва Мавҷуда Ҳакимова («Қуёш зарраси») оғоз намуда, бо густариши ин фаъолият чандин намунаро аз осори шоирони тоҷик, ба мисли Дақиқӣ, Убайди Зоконӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, Маъдан, Савдо, Аҳмади Дониш, Саҳбо, Асирӣ, Шамсиддин Шоҳин, Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат, Айнӣ ба ӯзбекӣ бармегардонад. Маҳз бо кӯшиши ӯ ду романи адибони яхудитабори Бухоро Ёқуб Ҳайимов ва Малик Раҳмон бо исмҳои «Ду тақдир» ва «Дарбадар» ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Ҳамчунин тарҷумаи маҷмӯаи ҳикояҳои Ӯткур Ҳошим бо номи «Нур ва соя», достони Абдулло Орифов «Ҳаким ва ачал» ва бисёре аз ашъори Эркин Воҳидов, Барот Бойқобилов, Нарзулло Нарзуллоев, Назармат ба қалами Ҷонибек мансуб аст.

Ҷонибек бо иллати сактаи дил, субҳи 6 ноябри соли 1990, дар хонааш ин дунёро тарк гуфт, дар қабристони зодгоҳаш - деҳаи Поршт манзили абадӣ пайдо намуд.

Ҷанозаи Ҷонибек ба гирдиҳамойии хурду калони на танҳо зодгоҳаш, балки намояндагони сершумори деҳоту навоҳии гирду атроф, аҳли қаламу сухан аз Дизаху Самарқанд, Тошканду Душанбе, ба маҳфили гиромидошти шоир табдил ёфта буд.

Бо ибтикори устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ, ки бо Ҷонибеки ҳамсоли худ риштаҳои маҳками дӯстӣ танида буд, аз Душанбе дӯстони ҳамқалам Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Иноят Насриддин, Давлати Даврон, Қироншоҳ Шарифзода ба ҷанозаи шоир расиданд, аниқтараш, бар иллати хароб шудани чархи мошин дар нимароҳ, ба қабристони Поршт вақте расиданд, ки мардум дар сари хоки қабр ба фотеҳаҳонӣ пардохта буданд...

Пас аз кафи дуо дар ҳавлии омӯзгор Холибеки Қувноқ, бародари Ҷонибек, мӯйсафедону муаллимони деҳа меҳмонони аз роҳи дур омадаро "барои баровардани кӯфти роҳ" ба хонаи муаллим Ҳусейн Шарифов (бародари Қироншоҳ) даъват карданд ва бо сипогузорӣ аз посдории шиносоиву қадршиносии ҳамдигар, бо исрор мегуфтанд, "чунин меҳмонони азиз, адибони номдори Тоҷикистон, бо пойи худ омадаанд, ақаллан дусе рӯзаке дар Поршт меҳмон шаванд", устод Лоиқ, ки то ин дам бо чашмони пурнам хомӯш буду гоҳ-гоҳ зери лаб "Эҳ, Ҷонибек!, эҳ, Ҷонибек!" мегуфт, бо овози шунаво садо даровард:

- Сад ҳайфу дареғ, ки ақаллан рӯйи гарми Ҷонибекро надидем... Бе Ҷонибек дар зодгоҳи ӯ чӣ хел истему меҳмон шавем? Ба дил намеғунҷад, охир... Мо ният доштем ва ба Ҷонибеки азиз қавл ҳам дода будем, ки ноябри соли оянда дар таҷлили панҷоҳсолагиаш ба Поршт меоем...

Устод Лоиқ пас аз лаҳзае хомӯшӣ идома дод:

- Охир, Ҷонибек фарзанди танҳо Поршт ё Ӯзбекистон нест, балки ӯ шоири тамоми мардуми тоҷик аст, гузашта аз ин, ӯ сафири фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон буд.

Маҷмӯаи шеърҳои то ба охир мураттабнасохтаи Ҷонибек бо унвони «Саховат», пас аз маргаш бо мураттибии завҷаи ҷоннисораш Кимиёбону (равонашон шод бод!), бо пешгуфтори устод Лоиқ, бо такудаву кӯшишҳои Саидалӣ Маъмур, Давлати Даврон, Фарҳоди Карим ва дигар дӯстонаш, соли 1998 тавассути нашриёти «Адиб» ба чоп расид.

... Рӯзҳои мотамдорӣ Кимиёбону–янга, ҳамсари мушфиқи Ҷонибек, лаҳзаҳои вопасини зиндагии шоирро ба ёд оварда нақл карда буд, ки Ҷонибек субҳидам бо Самарқанд, бо касе аз боби обуна ба рӯзнома телефонӣ сӯҳбат дошт. Гӯшаки телефонро монду болои кат гузашт, пиёлаи чойро рӯи дастурхон гузошту як табассум карда, ба паҳлӯ ғалтид.

Чӣ асроре дошт, табассуми пеш аз марг? Дарвоқеъ, худи Ҷонибек навишта буд:

Аҷаб не, дар сари роҳе
бимирам,
Сари чоҳе, таҳи чоҳе
бимирам.
Мурам гар ханда
бар лаб, кош, сад кош,
Мабодо дар гулӯ оҳе
бимирам.

Марқади шоир Ҷонибек Қувноқ дар зодгоҳаш – деҳаи хушманзари Поршт қарор дорад ва зиёратгоҳи хурду калон аст. Бар рӯйи лавҳи гӯри шоир ин мисраъҳо ҳак шудаанд:

Баъди мурдан нишони
мо сухан аст,
Оташи корвони мо
сухан аст.

Юнуси ИМОМНАЗАР,
адиб, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон,
Қироншоҳ ШАРИФЗОДА,
муҳаққиқ, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон


10 КИШВАРЕ, КИ САЙЁҲОНАШ БЕШТАР БА ТОҶИКИСТОН ОМДАНД

Омори сафарҳои хориҷиён ба Тоҷикистон

омори умумии сайёҳӣ — 9 моҳи соли 2026



10 кишвари пешсаф (семоҳаи I соли 2026)





Нишондиҳандаҳои асосӣ (9 моҳи соли 2026)

Сайёҳони хориҷӣ	1 551 200 нафар
Аз кишварҳои ИДМ	1 396 960 нафар
Аз кишварҳои хориҷ аз ИДМ	154 240 нафар
Ҳамаи шаҳрвандони хориҷии воридшуда	1 726 257 нафар

Қисми зиёди меҳмонон аз кишварҳои ИДМ омадаанд.

Манбаъ: Агентии омори назди Президенти ҶТ ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ

САРШУМОРИ БУЗИ КӮҲӢ 10 БАРОБАР АФЗУДААСТ

САРШУМОРИ БУЗИ НОДИРИ КӮҲИИ МОРХӮР Ё ПАРМАШОХ ДАР ТОҶИКИСТОН ТАЙИ СЕ ДАҲСОЛАИ ОХИР ТАҚРИБАН 10 БАРОБАР АФЗОИШ ЁФТА, АЗ 7 ҲАЗОР САР ГУЗАШТААСТ. ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ ГУЗАШТА САРШУМОРИ ИН ҲАЙВОНИ НОДИР ҲАМАГӢ ҲУДУДИ 500 САРРО ТАШКИЛ МЕДОД.



Дар ин бора Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истинод ба гузориши маҷаллаи байналмилалии «Conservation Frontlines» хабар додааст.

Ба иттилои кумита, афзоиши саршумори бузи кӯҳии морхӯр натиҷаи татбиқи барномаҳои ҳифзи муҳити зист, иштироки фаъоли сокинони маҳаллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

Яке аз тадбирҳои муассир таъсиси минтақаҳои шикории таҳти идораи ҷамоатҳои маҳаллӣ арзёбӣ мешавад. Дар доираи ин барнома сокинони минтақаҳои кӯҳистон, аз ҷумла баъзе шикорчиёни собиқ, ба ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ, посбонии макони зист ва ҳисобгирии саршумори онҳо ҷалб шудаанд.

Ҳамчунин, шикори маҳдуд ва таҳти назорат ба роҳ монда шудааст. Ба иттилои кумита, квотаи шикори морхӯр камтар аз як дарсади саршумори умумии онро ташкил медиҳад.

Маблағҳои аз ин фаъолият бадастомада барои ҳифзи табиат, таъмини фаъолияти гурӯҳҳои посбонӣ ва ҳалли баъзе масъалаҳои иҷтимоии маҳалҳо, аз ҷумла дастгирии мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ ва таъмини об истифода мешаванд.

Яке аз маконҳои асосии зисти бузи морхӯр Мамнуъгоҳи давлатии табиии Даштичум дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон мебошад.

Қобили зикр аст, ки бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 24-уми майро Рӯзи байналмилалии бузи кӯҳии морхӯр эълон кардааст.

Ҳамчунин, Тоҷикистон аз 31-уми майи соли 2025 узви комилҳуқуқи Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN) мебошад.

Кумитаи ҳифзи муҳити зист таъкид кардааст, ки чорабиниҳо барои ҳифзи бузи кӯҳии морхӯр, ки ба «Китоби сурх»-и Тоҷикистон ворид шудааст, минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.



ХОНА БА ОИЛАИ МАРЗБОНИ КУШТАШУДА

БА ОИЛАИ ЯК МАРЗБОНИ ТОҶИК АЗ НОҲИЯИ ПАНҶ, КИ ДАР ҲАМЛАИ ҚОЧОҚБАРОН КУШТА ШУДА БУД, МАНЗИЛИ ИҚОМАТӢ ТАҚДИМ ШУДААСТ.

Ҳукумати Хатлон гуфт, Темурмалик Бегматов афсари Раёсати Нерӯҳои марзбонии КДАМ буд ва моҳи январи имсол ҳангоми адои хидмат ва иҷрои вазифаи ҳарбӣ бар асари ҳамлаи марзшиканон ва гурӯҳҳои мусаллаҳи қочоқбар кушта шуд. Калиди хонаро ба ҳамсару модари ин афсари тоҷик рӯзи 6-уми ноябр Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон тақдим карда, гуфтааст, ки "хидмату ҷоннисории фарзандони далери Ватан ҳамеша қадр карда шуда, хотираи неки онҳо дар қалби мардум абадӣ боқӣ хоҳад монд". Ба иттилои расмӣ, барои бунёди ин манзил ҳукумати Панҷ 205 ҳазор сомонӣ ҷудо кардааст.

Дар наворе, ки ҳукумати Хатлон нашр кард, дида мешавад, ки Давлаталӣ Саид ҳангоми суҳбат бо хонаводаи Темурмалик Бегматов ба ҳамсари ӯ ваъда медиҳад, ки агар кор ва ё таҳсил кардан хоҳад, дар ёфтани ҷои кор ва дохил шуданаш ба коллеҷи тиббӣ ёрӣ мерасонад.

ИЗДИВОҶ БО ШАҲРВАНДОНИ РУСИЯВУ НИГЕРИЯ...

ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2026 ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 10 ҲОЛАТИ АҚДИ НИКОҲИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН БО ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ.



Аз ин шумора чор нафар зан ва шаш нафар мард мебошанд. Дар ин бора Гулчеҳра Раҳмон, мудири шуъбаи асноди ҳолати шаҳрвандии Раёсати адлияи вилояти Хатлон, ба Pressa.tj хабар дод. Ба гуфтаи ӯ, шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар ин давра бо хориҷиён издивоҷ кардаанд, асосан сокинони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Норак, Ҷайҳун, Ёвон ва Ҷалолиддини Балхӣ мебошанд. «Шаҳрвандони мо бо шаҳрвандони Федератсияи Русия, Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Украина ва Нигерия ақди никоҳ бастаанд», — гуфт Гулчеҳра Раҳмон.

Ба ин тартиб, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар вилояти Хатлон издивоҷи шаҳрвандони Тоҷикистон бо намояндагони шаш кишвари хориҷӣ сабт шудааст. Қаблан мақомоти Тоҷикистон аз коҳиш ёфтани шумораи издивоҷи шаҳрвандони кишвар бо хориҷиён хабар дода буданд. Аз ҷумла, тибқи иттилои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаш моҳи аввали соли 2026 дар саросари кишвар 42 ҳолати ақди никоҳи шаҳрвандони Тоҷикистон бо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2025, ки 58 ҳолат сабт шуда буд, 16 маврид ё тақрибан 27,6 дарсад камтар мебошад. Бояд гуфт, ки қонунгузории Тоҷикистон барои издивоҷи шаҳрвандони хориҷӣ бо шаҳрвандони кишвар як қатор шартҳои иловагӣ пешбинӣ кардааст. Мутобиқи моддаи 12-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бояд дар давоми на камтар аз як соли охир дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ карда бошад. Ҳамчунин бастани аҳдномаи никоҳ пеш аз бақайдгирии давлатии ақди никоҳ ҳатмӣ мебошад.

Дар аҳдномаи никоҳ ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии ҳамсарон муайян гардида, масъалаҳои марбут ба таъмини манзили истиқоматӣ низ тибқи талаботи қонунгузорӣ танзим мешаванд. Ин муқаррарот ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон ҳангоми издивоҷ бо хориҷиён равона шудаанд.

БО ФАРО РАСИДАНИ ФАСЛИ САРМО БЕМОРИҲОИ ЗУКОМ ВА ДИГАР СИРОЯТҲОИ РОҲҲОИ НАФАС БЕШТАР ПАҲН МЕШАВАНД. БАРОИ ПЕШГИРӢ АЗ СИРОЯТ ВА САБУКТАР ГУЗАРОНИДАНИ БЕМОРӢ РИОЯИ ЧАНД ҚОИДАИ ОДӢ МУҲИМ АСТ. ИНАК, ҲАФТ ТАВСИЯИ МУФИД БАРОИ ҲИФЗИ САЛОМАТӢ.



7 РОҲИ ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО ЗУКОМ

1. ДАСТОНАТОНРО ШӮЕД

Пеш аз истеъмоли хӯрок, баъди аз кӯча ё ҷойҳои ҷамъиятӣ ба хона баргаштан ҳатман дастонатонро шӯед. Обу собун микробу вирусҳоро аз пӯсти даст дур мекунанд. Дастонро на камтар аз 20 сония, махсусан байни ангуштонро, бо собун бишӯед. Сипас бо сачоқи коғазӣ ё дастмоли тоза хушк кунед.

2. БЕ ТАВСИЯИ ТАБИБ АНТИБИОТИК НАХӮРЕД

Зуком бемории вирусӣ аст ва антибиотикҳо ба вирусҳо таъсир намерасонанд. Танҳо дар сурати пайдо шудани сирояти иловагии бактериявӣ табиб метавонад антибиотик таъин кунад. Худтабобаткунӣ метавонад боиси оқибатҳои ногувор, махсусан дар кӯдакон ва калонсолон гардад.

3. АЗ СИРПИЁЗУ ПИЁЗ МУЪҶИЗА ИНТИЗОР НАШАВЕД

Сирпиёз ва пиёз махсулоти ғизоии муфиданд, аммо зукомро табобат намекунанд. Ба бинӣ гузоштани онҳо метавонад пардаҳои луобиро озор диҳад. Ҳамчунин, истифодаи худсаронаи малҳамҳои бинӣ роҳи боэътимоди пешгирии сироят нест. Барои сабук кардани дарди гулӯ метавон онро бо оби ширгарми намакдор чайқонд.

4. ҲАВОИ ХОНАРО ТОЗА КУНЕД

Агар дар хона ё ҷойи кор шахси бемор бошад, ҳавои хонаро мунтазам иваз намоед. Дар як рӯз чанд маротиба тирезаҳоро кушода, ҳавои тозаро вориди хона кунед. Ин амал ба коҳиш ёфтани миқдори заррачаҳои сироятӣ дар ҳаво мусоидат мекунад. Аз сард шудани аз ҳад зиёди хона худдорӣ намоед.

5. АЗ ХОБ СЕР ШАВЕД

Норасоии хоб ба фаъолияти низоми масуният таъсири манфӣ мерасонад. Барои аксари калонсолон дар як шабонарӯз аз 7 то 9 соат хоб тавсия мешавад. Кӯшиш кунед, ки ҳар шаб дар вақти муайян бихобед ва рӯзҳои хоби худро риоя намоед.

6. БЕШТАР САЙРУГАШТ КУНЕД

Барои сайругашт боғу хиёбонҳо ва ҷойҳои кушодро интихоб намоед. Гаштугузори ҳаррӯзаи 20–30-дақиқагӣ дар ҳавои тоза ба саломатии умумӣ ва фаъолияти ҷисмонӣ фоида дорад. Ҳангоми беморӣ аз фаъолияти вазнини ҷисмонӣ худдорӣ карда, ба истироҳат аҳамият диҳед.

7. ҒИЗОИ СОЛИМ ИСТЕЪМОЛ НАМОЕД

Дар фасли сармо аз парҳезҳои сахт ва маҳдудкунандаи ғизо худдорӣ кунед. Витамину иловаҳои ғизоӣ ҷойи хӯроки солимро гирифта наметавонанд. Ба ғизои ҳаррӯза гӯшт, моҳӣ, тухм, маҳсулоти ширӣ, кабудӣ, мева ва сабзавотро ворид намоед. Ғизои мутавозин барои фаъолияти муътадили масуният муҳим аст.

МУЪҶИЗАҲОИ КАДУ

АКСАРИЯТ БА КАДУ ҲАМЧУН САБЗАВОТИ ОДӢ МЕНИГАРАНД, ҲОЛ ОН КИ ИН МАҲСУЛОТИ ДАСТРАС ДОРОИ МОДДАҲОИ ЗИЁДИ БАРОИ САЛОМАТӢ МУФИД МЕБОШАД.



Каду аз витаминҳо, минералҳо ва антиоксидантҳо бой буда, барои фаъолияти муътадили ҷисм ва тақвияти низоми масуният аҳамияти калон дорад.Яке аз бартариҳои каду мавҷудияти алфа-каротин ва бета-каротин дар таркиби он аст. Бета-каротин дар организм ба витамини А табдил ёфта, барои биноии чашм, солимии пӯст ва фаъолияти муътадили низоми масуният мусоидат мекунад. Ҳамчунин, каду дорои наҳҳои ғизоӣ буда, ба беҳтар шудани фаъолияти рӯдаҳо ва ҳазми хӯрок кумак мерасонад.

Каду миқдори муайяни витамини К низ дорад, ки барои лахташавии муътадили хун ва солимии устухонҳо муҳим мебошад. Шарбати каду низ нӯшокии муфид аст. Барои хуштаъм шудани он метавонед ним истакон шарбати кадуро бо андаке асал омехта карда, бинӯшед. Аммо бояд дар хотир дошт, ки ин нӯшокӣ воситаи табобати бемориҳои асаб ё дигар бемориҳо нест.

Донаки каду низ аз маводи ғизоии арзишманд ба шумор меравад. Он дорои магний, рух, равғанҳои муфид ва сафеда мебошад. Истеъмоли муътадили донаки каду, махсусан навъҳои бенамак, метавонад барои солимии дилу рагҳо ва нигоҳ доштани фишори муътадили хун муфид бошад. Бартарии дигари каду дар он аст, ки аз он метавон таомҳои гуногуни болаззат омода кард. Мантуи кадугӣ, кадушӯрбо, кадупалав ва кадуи дар танӯр пухташуда аз чумлаи чунин ғизоҳо мебошанд. Ҳоло, ки фасли сармо фаро расидааст ва каду дар бозорҳо фаровон аст, кӯшиш кунед, ки онро бештар ба дастархони хонадон ворид намоед. Истеъмоли каду дар баробари дигар маҳсулоти солим ба гуногунранг ва серғизо шудани хӯроки ҳаррӯза мусоидат мекунад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Нафарони дар мучали ҳамал тавлидёфта уҳдадориҳоеро пайдо мекунанд, ки комилан барояш омода набуданд. Ҳафтаи мазкур дар масъалаҳои молиявӣ мушкилӣ сар мезанад, эҳтимол маошатонро сари вақт гирифта наметавонед.



Савр
21.04 - 21.05

Нафарони дар мучали савр тавлидёфта дар муносибатҳои ошиқонаву оилавии худ ба якравӣ роҳ дода, бо ин амали худ муносибатҳояшонро вайрон месозанд. Дар ин ҳафта харочоти худро бояд кам кунед ё як қисми маблағро барои оянда гузоред.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нафарони дар мучали ҷавзо тавлидёфта эҳсос мекунанд, ки мисли пешина корҳояшон пешрав нестанд. Рӯзи сешанбе ҳама гуна вохӯриҳоро ба таъхир гузоред, натича намедиҳанд. Рӯзи панҷшанбе ба бозору мағоза рафтанро тавсия намедиҳем.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ҳаёти нафарони дар мучали саратон тавлидёфта тағйироту навгониҳое рух медиҳанд, ки боиси сахт хаста гаштанашон мегардад. Рафту ба тағйиротҳои корӣ омода бошед, душвориҳои зиёде пеши роҳатон меояд, ки комилан умедвор набудед.



Асад
23.07 - 22.08

Нафарони дар мучали асад тавлидёфта бояд ба хости дили худ амал кунанд на бо талабу дархости дигарон. Эҳтимол қарору интихоби шуморо дигарон қабул намекунанд, вале аз ин заррае ғамгин нагардед. Баъзе сиру асрори ниҳонро фош месозед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта харочоти худро ба нақша гиред, вагарна дар бозору мағозаҳо кисаатон тамоман холӣ мегардад. Агар шумо мучаррад бошед, як вохӯрӣ тамоми зиндагиятонро тағйир медиҳад. Рӯзи чумъа хеле бобарор аст, маблағеро, ки бароятон муҳим аст, ба даст меоред.



Мизон
25.09 - 22.10

Нафароне, ки дар мучали мизон ба дунё омадаанд, қабл аз суханеро ба забон овардан бояд андеша намоянд, вагарна як шӯхии бемаврид ба касбу коратон зарари ҷиддӣ мерасонад. Дар оилаатон нофаҳмӣ сар мезанад, ҳамсафари ҳаётӣ шуморо дарк кардан намехоҳад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳар мушкиле, ки дар ин ҳафта сади роҳи зодагони бурҷи ақраб мегардад, ба зудӣ рафъ мегардад. Мушкилоти молиявӣ хеле зуд роҳи ҳали худро меёбанд. Нимаи дуюми ҳафта муносибататон бо нафаре аз шиносҳоятон вайрон мегардад.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта азми қавӣ ва иродаи мустаҳкам дар ҳалли мушкилиҳои зиёд кӯмакатон мерасонад. Зиракиро аз даст надиҳед ва дӯстро аз душман фарқ кунед. Нафаре аз шумо пул қарз мепурсад. Бодиққат ва эҳтиётқор бошед, то ки баъдан дар ҳоли ногувор наафтед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта тамоми диққати худро барои рафъ намудани мушкилоти наздикон равона созед. Ҳафта барои рафъ намудани муноқишаву ба созиш омадан мусоид аст. Харочотҳои ногаҳонӣ ба вазъи молиявиатон таъсири сахт мерасонад.



Далв
21.01 - 19.02

Нафарони дар мучали далв тавлидёфта танбалиро аз худ дур сохта, вазъи молиявиашонро беҳтар месозанд. Сафар ба хорича бобарор анҷом меёбад, шуморо лозим меояд, ки муваққатан аз оилаву наздикон дур бошед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Тамоми ҳафта табъатон хира мегардед, беҳтараш бо касе муноқиша накунед. Аз баъзе ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳоли ногувор меафтед, вале худро ба даст гирифтанатон лоим аст. Аз коре, ки кайҳо боз машғул ҳастед, маблағи хуб ба даст меоред.

ЯК ИФТИХОРУ ҲАЗОР МАСЪУЛИЯТ

Як бегоҳии Наврӯзи имсол, ба муносибати ташрифи нависандаи бачаҳо Азизи Азиз ба муассисаи таълимӣ ва хонаи мо, чанд дӯсту шинос меҳмон буданд. Суҳбат аз «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ оғоз ёфт. Кадоме гуфт, ки агар устод номи бархе донишмандони замонашро зикр намекарданд, онҳо шояд фаромӯш мешуданд. Мисол Мирзо Азими Сомии Бӯстониро овард.

Дигаре эътироз кард, ки номи бузургон дер ё зуд зинда мешавад.

- Масалан, кӣ мегуфт, ки Нусратулло Махсуму Шириншоҳ Шоҳтемур расман Қаҳрамони Тоҷикистон эълон мешаванд?!

- Дуруст, - розӣ шудем мо, - мана, баъди ҳафтод сол «Туҳфаи шоҳӣ»-и Сомии Бӯстонӣ чоп шуд-ку!

Азизи Азиз гуфт:

- «Туҳфаи шоҳӣ»-ро Зиёдулло Абдулзода таҳқиқу ҳимоя кардааст. Чанд сол қабл муовини вазири маориф ва илм буд, ҳоло сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон аст...

Суҳбат ба омӯзгору маориф гузашт.

Замони муовини вазир буданаш Зиёдулло Абдулзода ба муассисаи таълимии мо ташриф оварда буд. Ман, ки сарвари ин даргоҳам, аз пешвоз то гусел ҳамроҳаш будам. Як суханаш ҳаргиз аз ёдам намеравад:

- Фаромӯш накунед, ки ба Мастчоху мастчоҳиён Пешвои миллат ҳусни таваҷҷуҳи махсус доранд. Ғуруру номуси мастчоҳӣ хоса аст. Ҳамин ғуруру номусро дар соҳаи маориф ҳам баландтар бардоред!

Ҳамон рӯз фаҳмидам, ки Абдулзода то расидан ба мансаби баланд ҳамеша омӯзгор будааст. Зеро ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти муассиса чунон самимӣ рафтор мекард, ки гоҳе мансабашро фаромӯш карда, ӯро ҳамкасби худ мепиндоштем.

Азизи Азиз, ки дӯсти наздики Абдулзода будааст, воқеае нақл кард:



- Ҳаргиз надидам, ки ӯ ба сари хонандае овоз баланд кунад. Боре ба дафтараш писареро оварданд, ки хатое содир карда буд. Писарак дар ҳарос меистод. Зиёдулло пурсид: «Хӯрок хӯрдӣ?» «Не», - ҷавоб дод. «Бирав, писарам, ягон чӣ хӯрда биё. Баъд гап мезанем», - гуфт.

Чанд рӯз баъд Азизи Азиз пурсидааст, ки ба он бача чӣ танбеҳ дод.

- Эҳа, кадом якчааш дар ёд мемонад?! - хандидааст Абдулзода.

Ин нақл барои ман панд шуд. Сарвари мактаб ба шогирд фурсат додааст, ки ором шавад ва хатояшро дарк кунад.

Зиёдулло Абдулзода дар ҳузури омӯзгорони мо аз касбаш чунон ифтихор мекард, ки дар камтар кас мушоҳида мешавад. Ҳангоми хайрухуш таъкид намуд:

- Дар олам фақат як касб ҳаст - омӯзгорӣ! Дигар касбҳо зодаи ҳамин касбанд. Чунонки нависандаҳои рус мегӯянд: «Мо аз «Шинел»-и Гогол баромадаем», тамоми касбу кор дар ҳошияи касби омӯзгоранд!

Албатта, аз дастархони мастчоҳиён як пиёла чой нанӯшида рафтани чунин инсон бароямон ноҳуш буд. Аммо ӯ гуфт:

- Фурсат танг аст. Нимта нони Мастчоҳ биёред, дар роҳ нӯши ҷон мекунем.

То овардани нон воқеае нақл кард:

- Нав директори мактаб-интернати рақами якуми Душанбе таъин шуда будам. Чанд бегоҳ хастаю гурусна ба хона омадам. Падарам пурсиданд, ки чаро дар ҷойи кор хӯрок намехӯрам. Гуфтам, ки деги муассиса нони ятимон дорад.

Сипас, аз сарвари пешини мактаб-интернати Шаҳринав ёдовар шуд, ки пеш аз марг ба фарзандонаш васият кардааст:

«Ман аз интернат фақат маош гирифтаам. Аммо як ҷуфт банди туфлӣ қарздорам. Рӯзе саросема будам, банди туфлиам канд. Аз анбор, аз туфлии бачагона, банд гирифтам. Ҳамонро баргардонед».

Падараш дар ҳаққи он омӯзгор дуо карда, гуфтаанд:

- Ту директор шуда, обу нони ятимонро начашӣ, чӣ гуна баҳо медиҳӣ? Ошпаз бинад, ки ту ҳам дар қатори бачаҳо хӯрок мехӯрӣ, масъулиятро бештар эҳсос мекунад. Нону намакашонро хӯру пос дор!

Абдулзода нонро гирифту бӯсиду ташаккур гуфта, рафт...

Он бегоҳ дар бораи фазилатҳои дигари ӯ низ шунидем.

Солҳои 2000-ум Зиёдулло директори муассисаи таълимии рақами 2-и ноҳияи Шоҳмансур будааст. Кори мактабро хуб ба роҳ монда, боз масъулияти худро даҳчанд афзудааст.

Тасаввур кунед: аз ҳисоби хонандагон як «директор», ду «муовин», «ташкилотчӣ» интихоб кардааст. Ҳар рӯз бо онҳо суҳбат мекарду дастур медод, ҳисобот «талаб» мекард. Ҳар ҳафта роҳбарони хонандагон иваз мешуданд. Ҳамин тавр, шогирдон масъулияттшиносиро меомӯхтанд.

Он сол Абдулзода ба унвони «Омӯзгори сол» мушарраф гардид.

Дар суҳбат касе гуфт:

- Чӣ хуб, ки дӯсти шумо аз директори литсейи рақами якуми Душанбе якбора муовини вазир шуд!

- Чаро «якбора»? - эътироз кард Азизи Азиз ва ривояте оварад.

Дар Чини қадим рассоме буд. Император аз ӯ хоҳиш кард, ки сураташро кашад ва ваъдаи ҳазор тилло дод. Рассом баъди се рӯз суратро овард. Император писандида, гуфт:

- Вазири ман ин маблағро дар як сол мегирад, вале ту дар се рӯз соҳиб шудӣ?!

Рассом ҷавоб дод:

- Олампаноҳ, ин суратро ман дар сӣ солу се моҳ тасвир кардам. Агар таҷрибаи сисолаам намебуд, магар дар се рӯз чунин сурат мекашидам?!

Зиёдулло Абдулзода ҳам «якбора» ба мансаб нарасид. Ӯ бисту панҷ сол омӯзгор буд!

Рӯзе аз Ҳукумати Тоҷикистон занг заданд, ки ба қабули Пешвои миллат ҳозир шавад. Гумон кардааст, ҷаласаест. Аммо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро муовини вазир таъин намуда, таъкид кардаанд:

- Писарам, ту мудом омӯзгор будӣ, муассисаи таълимиро медонӣ. Маҳз аз ҳамин сабаб ин вазифаро ба ту бовар кардам!

То он замон Абдулзода сарвари як муассиса буд. Акнун масъулияти таълиму тарбияи миллионҳо шогирд бар дӯши ӯву ҳамкоронаш вогузор мешуд. Имрӯз роҳбарии маорифи вилояти Хатлонро бар уҳда дорад.

Бемуҳобо, чунин боварӣ боиси ифтихор аст. Аммо дар соҳаи маориф ба як ифтихор ҳазор масъулият рост меояд.

Мо ба Зиёдулло Абдулзода барор таманно дорем!

Бурҳон Сафаров,
директори МТМУ рақами 17, ноҳияи Мастчоҳ

ДАСТОВАРДИ ҶАҲОНИИ РИЁЗИДОНОНИ ХОРУҒӢ

Ҳафт хонандаи муассисаҳои таълимии шаҳри Хоруғи ВМКБ дар Олимпиадаи байналмилалӣ оид ба арифметикаи зеҳнӣ, ки 7-уми ноябри соли 2026 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор гардид, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шуданд.

Дар ин бора хадамоти матбуоти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ хабар медихад.

Ба иттилои манбаъ, дар олимпиада намояндагони 10 кишвари ҷаҳон иштирок намуда, донишу маҳорати худро дар ҳисобкунии фаврӣ ва арифметикаи зеҳнӣ санҷидаанд.

Озмун аз рӯйи ду самт баргузор гардидааст. Дар бахши якум, ки FOC ном дорад, иштирокчиён бояд мисолҳои математикиро дар экран бо суръати баланд, дар фосилаи 0,3 ва 0,1 сония, ҳисоб мекарданд. Дар бахши дуюм бошад, довталабон вазифадор буданд, ки дар муддати ҳамагӣ се дақиқа 100 мисоли математикиро ҳал намоянд.

Хонандагони шаҳри Хоруғ дар ҳар ду бахш маҳорати баланд нишон дода, аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъбастӣ соҳиби унвонҳои ифтихорӣ шуданд.

Аз ҷумла, Алинур Саидназаров, Ҳусейн Бобов ва Самима Ҷонбекова ба унвони «Суперчемпион» мушарраф гардиданд.

Ҳамчунин, Салима Ҷонбекова, Анила Ванҷова ва Сумая Бахтибекова соҳиби унвони «Чемпион» шуданд.

Аида Мирасанова бошад, дар сабақат ҷойи аввалро ишғол кард.

МАВЛУДНОМА

12 НОЯБР

Зарубел Кимёгаров (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Мамадталаб Нарзуллоев (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

13 НОЯБР

Абдулло Ёрмуҳаммадов (1896-1940), 130-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

14 НОЯБР

Иван Тишенко (1911-1985), 115-солагии зодрӯзи селексионер, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Раънохон Урунова (1951), 75-солагии зодрӯзи артисткаи сирк, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Тақдиршо Шарифов (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ.

15 НОЯБР

Риана Баленко (1921), 105-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ғаюр Ашӯри Растагор (1951-2012), 75-солагии зодрӯзи драматург.

Қамбархон Майзамов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Маҳмадалӣ Саидмуродов (1946), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Азизмурод Раҷабов (1936-2010), 90-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

16 НОЯБР

Ҷалил Орзумуродов (1956-2004), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Қурбон Раҳимов (1956), 70-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

17 НОЯБР

Аҳмадҷон Мансуров (Хистеварзӣ) (1941-2013), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Маҳмуд Мӯсоев (1921-1991), 105-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Зебунисо Саттарова (1951), 75-солагии зодрӯзи шоираи узбекзабони Тоҷикистон.

18 НОЯБР

Рустам Амиров (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Маъруфхӯҷа Баҳодуров (1921-1997), 105-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ.

Азиза Отахонова (1936-2025), 90-солагии зодрӯзи забон¬шинос.

Абдумухтор Урунбоев (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Аттестати синфи 9 Т-АТА №1583421 ба номи Ятимов Абдулло Ҷамшедович, ки аз 15.06.2023 аз ҷониб МТМУ №37 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Миралиева Зилола Рустамовна, ки соли 2021, аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиноснома А02362015 ба номи Шоев Насимҷон Нурович, ки санаи 07.08.2019, аз ҷониби ШВКД-2 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи №403/П иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон аз 13.09.2024, байни ҶДММ "Пойтахти Диёрам" ва Хамидов Парвиз Сохибназарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Мастонгулов, 2 ҳуҷрагӣ, ошёнаи 10, блоки А, 110,80 м.м., аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А №0062896 аз 13.04.2017, рақами қайд №275/17, ба номи Одинаев Тағоймурод, н. Варзоб, ҷ/д Чорбоғ, д. Чорбоғ, ки аз ҷониби КДФ Бақайдгирии молу мулки ғайриманкул дар н. Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №17337, аз 23.11.2020 ба номи Салимов Муҳаммад Пирмаҳмадович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Билети ҳарбӣ №0067782 ба номи Сабуров Азамҷон Алиевич, ки санаи 23.11.2020, аз ҷониби комиссариати ҳарбии н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Соҳилӣ 5, кв 13, ба номи Раҳмонов Баҳодур Анварович аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Соҳилӣ 5, кв 14, ба номи Салимова Мунира Маҳмадалиевна, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Соҳилӣ 5, кв 21, ба номи Раҳмонов Умедҷон Анварович, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиноснома А06109363 ба номи Саркоров Сарвар Фаридович, ки санаи 23.10.2025, аз ҷониби ШШМ ШВКД-1 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Билети ҳарбии ҶТ №0078016 аз 14.06.2022, ба номи Абдуганиев Абдурахмон Махмадмусоевич, ки аз ҷониби комиссариати ҳарбии ноҳияи И.Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ «Борбар» №0309861, РМА: 030038750, РЯМ: 0310026769, н. Фирдавсӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Намояндагии ҶДММ «ОРТЕКС ГРУП» (ОРТЕКС ГРУП ЛЛП) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 50, ҳуҷраи 28, дар асоси протоколи маҷлиси умумии муассисони ҷамъият аз 26 октябри соли 2026, фаъолияти худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ намуда, барҳам дода мешавад.

➔ ҶДММ "Ориён Электронӣ" №0267480, РЯМ: 0410037375, РМА: 040059594, барҳам мехӯрад, ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ Маркази Сайёҳати Турсунзода РЯМ 0710013077, РМА 070020141, санаи таъсис 29.01.2025 барҳам мехӯрад, ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

НИЁЗ ДОРЕМ

➔ Кошонаи ҳусн дар “Ватан” ба устоҳои маникюр, миҷачаспон, қошчин ниёз дорад. Тел. 004-111-593

➔ Сармуҳосиб кор меҷӯяд, бо таҷрибаи кории беш аз 7 сол, тамоми версияи 1С-ро балад аст. Тел. 988-71-35-88

➔ Меҳмонхона фавран ба кормандони зерин ниёз дорад: Маъмурият (администратор ва ресепшн), сарошпаз, ошпаз, оташмон (кочигар), сохтмончӣ, корманд барои хушкашӯй. Тел. 87-130-62-62, 917-65-36-53

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

➔ Устои таъмири аврупой, корҳои алоҳида, сохтмончӣ. Тел. 989-35-80-80

➔ Устои таъмири пурраи аврупой, корҳои алоҳида, сохтмончӣ. Тел. 873-44-44-29

➔ Таъмири яхдон бо кафолат. Тел. 919-03-07-78, 934-65-89-54

ЭЪЛОНҲОИ ГУНОГУН

МЕФУРӮШАМ

➔ Пианинои нави олмонӣ (Zimmermann ва Petrof)-ро мефурӯшам. Тел. 915-99-33-30

МЕХАРАМ

➔ Мехарам: Фляга, курпача, қолин, нишон, медал, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, оташдони чӯянӣ, танга, мошинаи дарздӯзӣ ва ҷомашӯй, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шӯравӣ, ҳайкалча, оҳан, коғаз. Тел. 988-33-73-61, 905-98-77-88

➔ Мехарам: Зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

➔ Мехарам: Зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001

РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ ВА ИФТИХОР

Ҳар як миллат муқаддасоте дорад, ки таҷассумгари ормонҳо ва роҳи тайкардаи он дар масири таърих мебошад. Парчами давлатӣ яке аз чунин муқаддасоти миллӣ буда, рамзи соҳибистиқлолӣ, озодӣ, ваҳдат ва якпорчагист. Барои мардуми Тоҷикистон Парчам натанҳо як рамз, балки нишонаи ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба таърихи миллат ва эътимод ба ояндаи дурахшони кишвар аст.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият барои Тоҷикистони азизи мо як марҳилаи нави сарнавиштсоз оғоз ёфта, қабули рамзҳои давлатӣ аз қабили конститутсия, нишон ва суруди миллӣ аҳамияти хоса пайдо кард, зеро ин рамзҳои муқаддас натанҳо ифодагари соҳибихтиёрию мусталияти давлат, балки рамзи озодии миллати тоҷик мегаштанд. Санаи 24 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Парчами давлатии Тоҷикистон қабул гашта, ин рӯйдод дар таърихи давлатдории навини тоҷикон саҳифаи муҳимеро боз намуд ва оғози марҳилаи нави рушди кишвар гашт.

Парчами давлатии Тоҷикистон аз се рахи уфуқӣ иборат буда, рахи боло сурх, рахи миёна сафед ва рахи поён сабз мебошад. Дар маркази рахи сафед тоҷ ва ҳафт ситора ҷой гирифтаанд. Ҳар як ранг ва унсури парчам маънои рамзии худро дорад ва дар маҷмӯъ таъриху фарҳанг, ормонҳо ва арзишҳои миллиро таҷассум менамояд.

Ранги сурх рамзи мубориза барои озодӣ, истиқлол ва ҷасорат буда, ҳамзамон бо шукӯҳи таърихӣ ва неруи созандаи миллат пайванд дорад. Он аз иродаи қавии мардум ва омодагии ӯ барои ҳифзи арзишҳои миллӣ дарак медиҳад.

Ранги сафед рамзи покӣ, сулҳу осоиш, нияти нек ва саодат аст. Он ҳамчунин бо барфу пиряхҳои кӯҳҳои Тоҷикистон ва пахтаи сафед, ки яке аз маҳсулоти муҳими кишоварзии кишвар мебошад, иртибот дорад.

Ранги сабз таҷассумгари табиати зебо, сарсабзӣ, ҳаёт, ободӣ ва умед ба ояндаи нек мебошад. Ин ранг бо водиҳои ҳосилхез, боғҳои сабз ва сарватҳои табиии Тоҷикистон ҳамоҳанг аст.

Тоҷ дар маркази парчам рамзи давлатдорӣ, соҳибихтиёрӣ ва ҳувияти таърихии миллати тоҷик аст. Ҳафт ситора бошад, рамзи саодат, камол ва ормонҳои неки халқ маҳсуб меёбад. Боя д гуфт, ки рақами ҳафт дар фарҳанги тоҷикон аз қадим мақоми хос дошта, бо мафҳумҳои некӣ, хушбахтӣ ва комилӣ пайванд аст.

Ҳамин тавр, Парчами давлатӣ дар худ маъноҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангиро муттаҳид намуда, симои Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол, сулҳҷӯ ва дорои фарҳанги ғанӣ муаррифӣ мекунад.

Парчами давлатӣ дар лаҳзаҳои муҳими ҳаёти миллат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Ҳангоми сафарҳои ҳайати давлатӣ ба хориҷи кишвар ва иштироки варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ парчам чун рамзи эҳтиром ба Тоҷикистон парафшон мегардад. Вақте ки парчами Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боло бардошта мешавад ва Суруди миллӣ садо медиҳад, дар қалби ҳар як шаҳрванди кишвар эҳсоси ифтихор, ҳамбастагӣ ва муҳаббат ба Ватан бедор мегардад. Ин лаҳзаҳо нишон медиҳанд, ки парчам танҳо рамзи давлат нест, балки пайванди маънавии мардум бо сарзамини аҷдодӣ ва таърихи худ мебошад.

Эҳтиром ба Парчами давлатӣ аз ҳар як шаҳрванд масъулияти баландро тақозо мекунад. Ин эҳтиром бояд натанҳо дар сухан, балки дар амал бо талошҳои пайваста дар роҳи ҳифзи сулҳу субот, риояи қонун, саҳмгузорӣ дар ободии кишвар ва муносибати ғамхорона ба арзишҳои миллӣ зуҳур ёбад.

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ вазифаи муҳими оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Шинохти таърих ва маънои Парчами давлатӣ ба ҷавонон кӯмак мекунад, ки худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос намуда, барои пешрафти Ватан саҳм гузоранд.

Парчам моро ба ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ҳамрайъӣ даъват намуда, хотиррасон менамояд, ки новобаста аз синну сол ва мавқеи иҷтимоӣ ҳамаи мо дар назди Ватан масъулияти муштарак дорем. Бигзор Парчами давлатии Тоҷикистон ҳамеша парафшон бошад!

Заҳро САИДОВА,
омӯзгори МТМУ-и №64-и ноҳияи Рӯдакӣ

КУРАШ

6 НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ОСТОНА

Аз 4 то 9-уми ноябр бори аввал дар шаҳри Остонаи Қазоқистон 15-умин Чемпионати ҷаҳонии кураш баргузор гардид. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 7 варзишгар намояндагӣ карда, ба гирифтани 6 нишон ноил шуданд.



Бо гузашти 13 сол Сарвар Абдушукуров (-66 кг) аз Чемпионати ҷаҳонии кураш барои Тоҷикистон нишони тило ба даст овард. Дар финали мусобиқа Сарвар бар намояндаи Ӯзбекистон Баҳромбек Атоев зафар ёфт.

Паҳлавони тоҷик Ҳакдод Гулов (-60 кг) аз варзишгари мизбон Миразат Айбатир мағлуб шуда, нишони нуқра гирифт. Умар Шеров (-73 кг) барандаи нишони биринҷӣ гардид. Наврӯз Каримзод (-81 кг) дар марҳилаи нимниҳоии мусобиқа аз Аҳрор Зиёдуллоеви ӯзбек мағлуб шуда, нишони биринҷӣ ба даст овард.

Дар рӯзи дуюми мусобиқа Ҳақназар Назаров (-90 кг) барандаи нишони тило шуд. Дар финали мусобиқа Ҳақназар бар Йиҳам Кемалов аз Туркманистон ғалаба кард.

Саидҷамол Алимардонов (-100 кг) дар марҳилаи нимниҳоии мусобиқа аз Ҷаҳонгир Мамадраҳимови ӯзбек мағлуб шуда, нишони биринҷӣ ба даст овард.

Аз ҳайати тими Тоҷикистон танҳо ба Фирдавс Насимов (-120 кг) муяссар нашуд, ки дар ин мусобиқа ба гирифтани нишон ноил шавад.

Ҳамин тавр, варзишгарони тоҷик 15-умин Чемпионати ҷаҳонии курашро бо 2 нишони тило, 1 нишони нуқра ва 3 нишони биринҷӣ ба анҷом расониданд.

САМБО

6 НИШОНИ ДИГАРИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ТОШКАНД

Аз 6 то 8-уми ноябр дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон Чемпионати 50-уми ҷаҳонии самбо миёни намояндагони беш аз 90 кишвар баргузор шуд, ки дар он барои 33 маҷмуи нишонҳо дар риштаҳои самбои варзишӣ, размӣ ва самбо барои нобиноён мардону занон рақобат карданд.

Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистонро дар се бахши Чемпионати ҷаҳон 15 варзишгар намояндагӣ карданд, ки ба гирифтани 6 нишон ноил шуданд. Дар риштаи самбои варзишӣ Тоҷикистонро Акмалиддин Каримов (58 кг), Идибеки Амиршоҳ (64 кг), Ҳикматов Сафияллоҳ (71 кг), Диваштичи Убайдӣ (79 кг), Олимшоев Зафар (88 кг), Комроншоҳи Устопириён (98 кг) ва Некрӯзшоҳи Некбахтзода дар (+98 кг) муаррифӣ карданд.

Дар бахши самбои нобиноён (SV-1) Шоҳрух Назаров (79 кг) ва Рачаб Ҳусейнов (98 кг) ва дар мусобиқаи самбои размӣ байни мардон Тоҷикистонро Сиёвуш Солиҳов (58 кг), Назаров Хуршед (64 кг), Рачабзода Худоёр (71 кг), Рамазон Ҷӯмаев (79 кг), Холид Толибзода (88 кг) ва Худобахш Расулов (98 кг) муаррифӣ карданд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 363 ҳазор доллярро ташкил медод.

Дар намуди самбои нобиноён Шоҳрух Назаров (79 кг) ва Рачаб Ҳусейнов (88 кг) нишонҳои нуқраро соҳиб шуданд. Дар намуди самбои размӣ Холид Толибзода (88 кг) ба гирифтани нишони нуқра



шарафёб гардид. Зафар Олимшоев (-88 кг) аз намуди самбои варзишӣ дар финал аз Александр Сучкови рус мағлуб шуда, соҳиби нишони нуқра шуд. Некрӯзшоҳ Некбахтзода (+98 кг) аз намуди самбои варзишӣ ва Рамазон Ҷумаев (-79 кг) аз намуди самбои размӣ нишони биринҷӣ гирифтанд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ИСТИҚЛОЛ» БА ҶОЙИ ЯКУМ БАРГАШТ, «ҲОСИЛОТ» ЗИНАИ СЕЮМРО АЗ ХУД КАРД

Дар доираи Чемпионати Тоҷикистон-2026 чор бозии мавқуфгузошташуда баргузор шуданд, ки вазъи ҷадвали мусобиқаро дар арафаи даври ниҳоӣ тағйир доданд.



Муҳимтарин натиҷаи ин бозиҳои мавқуфгузошташуда тағйирот дар садри ҷадвал аст. Ҳоло «Истиқлол» дар 20 бозӣ 44 хол ба даст овардааст, дар ҳоле ки «Регар-ТадАЗ» дар 21 бозӣ 43 хол дорад. Қаҳрамони феълӣ ҳанӯз ду бозии захиравӣ дорад, дар ҳоле ки рақиби асосии онҳо танҳо як бозии дигар дар пеш дорад.

Дар як бозии мавқуфгузошташуда аз даври 18-ум, «Истиқлол» дар майдони худ «Вахш»-ро қабул карда, бо ҳисоби минималии 1:0 ғолиб омад. Ин пирӯзӣ ба «Истиқлол» имкон дод, ки на танҳо аз «Регар-ТадАЗ» пеш гузарад, балки дар муборизаи барои унвони қаҳрамонӣ бартарии назаррас ба даст орад. Ҳоло ба дастаи душанбегӣ барои кафолати унвони қаҳрамонӣ дар ду бозии боқимондааш танҳо чор хол лозим аст, новобаста аз он ки рақибонашон чӣ натиҷа нишон медиҳанд.

Вазъият барои «Регар-ТадАЗ» рӯз ба рӯз мушкилтар мешавад. Дар бозии мавқуфгузошташуда аз даври 19-ум, даста дар муқобили «Эсхата» танҳо ба натиҷаи мусовии 1:1 ноил гардид. Ҳоло «Регар-ТадАЗ» пас аз 21 бозӣ 43 хол дорад. Ҳадди аксар холҳое, ки ин даста метавонад ба даст орад, 46 хол аст. Ҳатто пирӯзӣ дар даври ниҳоӣ бар зидди «Сардор» низ барои дастаи Турсунзода унвони қаҳрамониро кафолат намедиҳад. Онҳо бояд умед банданд, ки «Истиқлол» дар бозиҳои оянда холҳои бештар аз даст медиҳад.

Дар шаҳри Хуҷанд, ки дастаи мизбон бо «Ҳосилот» рақобат кард, натиҷаи муҳим ба қайд гирифта шуд - 1:0. Бо ин пирӯзӣ, барандагони Ҷоми Тоҷикистон соҳиби 32 хол шуда, ба зинаи чорум баромаданд. «Ҳосилот» бо 36 хол дар ҷои сеюм боқӣ монд. Ҳоло байни ин ду даста 4 хол фарқият мавҷуд аст ва ҳар кадоме аз онҳо танҳо як бозии дигар доранд. Бинобар ин, «Ҳосилот» медалҳои биринҷиро ба даст овард, зеро «Хуҷанд» дигар наметавонад ба дастаи Фархор расад.

Дар Душанбе КМВА бо «Сардор» вохӯрда, бо ҳисоби 3:1 ғолиб омад. Пас аз ин ғалаба, онҳо соҳиби 31 хол шуда, ба зинаи панҷум баромаданд. «Сардор» бо 17 хол дар ҷои ёздаҳум боқӣ монд.

Дар поёни ҷадвал дастаи «Истаравшан» аллакай ба Лигаи якум суқут кард. «Сардор» ва «Парвоз», ки ҳар кадом 17 хол доранд, муайян хоҳанд кард, ки кадоме аз онҳо аз суқути мустақим ба лигаи поёнӣ эмин мемонад ва кадоме маҷбур мешавад барои дар Лигаи олӣ мондан дар бозии плей-офф (бозии ҳалкунанда) ширкат варзад.

Даври 22-юми Чемпионати Тоҷикистон барои рӯзҳои 27–28-уми ноябр ба нақша гирифта шудааст. Илова бар ин, бозии қаблан мавқуфгузошташуда байни дастаҳои «Барқчӣ» ва «Истиқлол» рӯзи 23-уми ноябр баргузор мегардад.

РЕЗААХБОР



Футболбози 18-сола аз Тоҷикистон Абдулло Иброҳимзода фаъолияти худро дар Арабистони Саудӣ идома медиҳад. Ин нимҳимоятгар бо бошгоҳи «Ал-Қадисия» қарордод ба имзо расонида, дар ҳайати дастаи ҷавонони то 19-солаи ин бошгоҳ бозӣ хоҳад кард. Ба нақша гирифта шудааст, ки ин бозигар тадричан ба машғулиятҳои тамринӣ ва бозиҳои дастаи асосӣ ҷалб карда шавад.

***

Дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии Рустам Хоҷаев дар мусобиқаи байналмилалии Panda Cup International Youth Football Tournament Chengdu 2026 иштирок мекунад. Дар ин мусобиқа, ки аз 11 то 17-уми ноябр дар шаҳри Чэндуи Чин баргузор мешавад, ҷавонони Тоҷикистон 11-уми ноябр бо ҳамсолони худ аз Куриёи Ҷанубӣ, 14-уми ноябр бо Чин, ва 17-уми ноябр бо Ветнам бозӣмекунанд.

***

Дар аввали моҳи ноябр дар Иёлоти Муттаҳида TCS New York City Marathon баргузор шуд. Тибқи маълумоти расмии ташкилкунандагон дар он намояндагони 153 кишвар иштирок доштанд ва 61 529 нафар ба пойга шуруъ карда, 61 060 нафар ба хатти марра расиданд. Фатҳулло Одинаев, иштирокчии 32-сола аз Тоҷикистон, низ дар ин чорабинӣ ширкат варзида, масофаи 42,195 километрро дар муддати 3 соату 1 дақиқаву 20 сония тай кард.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар Тошканд бо дастаи мунтахаби Ӯзбекистон ду бози дӯстона баргузор кард. Дар бозии якум ӯзбекҳо бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуданд. Бозии дуюм бо ҳисоби 1:1 ба анҷом расид. Футзалбозони Тоҷикистон аввалин шуда ҳисобро кушоданд, аммо натавонистанд бартарии худро нигоҳ доранд.



ДУШМАНДОР

- Мардак, дар вақташ кӣ тавсия дода буд, ки бо ман издивоҷ кардӣ?

- Намедонам, занак, ман аз ҳамон даврахо душмандор будам...

ДАНДОН

- Дӯстам, вақте ки занат туро бо он зани бегона дид, чӣ гуфт?

- Ҳеч чиз. Бе ин ҳам худам ҳамон чор дандони пешамро канданӣ будам...

ХӮРОКИ БОМАЗЗА

- Ммм, азизам, ту ба ин хӯрок чӣ андохтӣ, ки ин қадар бомазза шудааст?

- Ишқ, муҳаббат... ва майонезеро, ки мӯҳлаташ ҳафтаи гузашта тамом шудааст...

ОШЁНАИ ПАНҶУМ

Ду кӯҳнавард қуллаи Эверестро фатҳ карда, дар болои он ғелида ба сӯҳбат пардохтанд. Якумаш арақи сару рӯяшро пок карда аз дуюмӣ пурсид:

- Маслиҳати хона гирифтанат чӣ шуд?

Дуюмӣ гуфт:

- Нашуд. Ман девона нашудаам, ки аз ошёнаи панҷум, боз бе лифт хона гирам..

ТУҲФА

- Дугона, ба шавҳарат чӣ тӯҳфа кардӣ?

- Ҳмм, ба шавҳаре, ки чунин зане мисли ман дорад, чӣ тӯҳфа кардан мумкин аст, ғайри доруи валериянка?!..

Мор

- Барои чи ту мори мурдагиро ба музаи ман андохтӣ?

- Чии? Аллакай мурдааст?!..

ТУҲФА

- Барои тӯҳфа раҳмат, амак...

- Намеарзад, ҷиян.

- Ман ҳам медонам, ки намеарзад, лекин падарам гуфт, ки раҳмат гӯй...

ШИША

Шабона духтар танҳо аз гузаргоҳи зеризаминӣ мегузашт. Ногоҳ аз пешорӯяш марди паҳлавонҷуссае баромад, ки дастҳояшро ба ду тараф васеъ кушода сӯи ӯ меомад. Духтар ҷонҳавл хиштеро аз замин бардошта ба тарафи мард ҳаво дод. Садои шикастани чизе ва фиғони мард ба фалак печид:

- Лаънатиҳо, шишаи сеюм аст, ки ба хона расонида наметавонам, зада мешикананд...

Хайрулло БАСРИДДИНОВ

АСКАРӢ

Писар аз падар мепурсад:

- Дада, шумо ба аскарӣ рафта будед?

Падар:

- Не, маро набурданд.

Писар ҳайрон шуда:

- Барои чӣ набурданд?

Падар мегӯяд:

- Маро наёфтанд!

РАШКИ НАБЕРА

Дар дарси забон муаллима ба хонандагон супориш медиҳад:

- Бачаҳо оиди сифат ҷумла созед.

Садбарг фавран ҷавоб медиҳад:

- Ҳалима аз мағоза қалами сурх харид.

Ҳошим якбора оташ гирифта мегӯяд:

- Номи бибии худата нависс...

БОЗОР

Зане ба фурӯшандаи бозор мегӯяд:

- Ман 10 кг картошка хариданиям, вале метарсам, ки онро ба хона бурда наметавонам.

Фурӯшанда мегӯяд:

- Ғам нахӯред холаҷон, ман онро тавре бармекашам, ки бурда метавонед.

ҶАРИМА

Корманди Бозрасии Давлатии Автомобилӣ мардеро барои баланд намудани суръати нақлиёт ҷарима мекунад. Баъди гирифтани маблағи калон нозири роҳ ба ронанда квитансия медиҳад.

- Квитансия ба ман чӣ даркор? - мепурсад ронанда.

Нозири роҳ дар ҷавоб:

- Ин квитансияҳоро гум накунед, вақте ки шумораш ба 12 расид, соҳиби велосипед мешавед.

НАҚША

Марде ба дӯсташ, ки дар муҳоҷират қарор дорад, занг зада мепурсад:

- Салим, дӯстам, тирамоҳ чӣ нақшаҳо дорӣ?

Салим мегӯяд:

- Нақшаҳои наполеонӣ дӯстам!

Мард мегӯяд:

- Фаҳмо. Яъне, ту билохира аз Русия гурехтан мехоҳӣ?

РӮЗИ ИД

Аз майхорае пурсиданд:

- Ту арақ менӯшӣ?

Майхора гуфт:

- Танҳо рӯзҳои ид.

Боз пурсиданд:

- Рӯзи идат кадом аст?

Мард гуфт:

- Рӯзе, ки арақ ёбам, ҳамон рӯз бароям ид аст.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

